★ *Иди саиди Фитр муборак!* ★

ТОҶИКИСТОН БА КУҶО БАРҚ СОДИРОТ МЕКУНАД? с.5

ЧАНД МУШКИЛИ ТЕАТР ДАР СУҲБАТ БО МОҲПАЙКАР ЁРОВА с.9

ТОҶИКИСТОН

№16 (1527)
19.04.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~





1000 рубл баробар ба 100 сомонӣ мешавад

ДАР ИН ШУМОРА:

РАМАЗОН
Чаро он имсол 29 рӯз шуд? с.3

ХАРИТАИ СОЛИ 1924
Чаро он Содир Ҷабборовро нигарон кард? с.4

ФАНДИ “ПАЙВАНД”
Чаро ин ширкат сокинонро гӯл мезанад? с.3

ШАРИФ РАҲИМЗОДА:
Бояд диндоронро ба мактаб орем с.6

1 80 000 000 М²
Ҳудуди давлати Сомониён то куҷо густариш дошт? с.8

ВАРЗИШ
Паҳлавонони тоҷик дар чемпионати Қатар с.10

ҶИНОЯТ ВА ҶАЗО
Террористи тоҷик дар Русия ҳабси якумрӣ шуд с.11

КАНЗИ ШИФО
Дар ҳавои ғуборолуд чӣ бояд кард? с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ДАЪВАТИ ПРЕЗИДЕНТИ ИРОҚ БА ТОҶИКИСТОН

Президенти Ироқ Абдулатиф Ҷамол Рашид барои сафар ба Душанбе даъватнома гирифт.

Даъватномаро аз номи Эмомалӣ Раҳмон Зубайдулло Зубайдзода, сафири Тоҷикистон дар Ироқ супорид. Дар ин бора дафтари матбуоти Президенти Ироқ иттилоъ додааст.

Зимни дидор Зубайдулло Зубайдзода аз тамоюли Тоҷикистон барои боло бурдани сатҳи ҳамкориҳо миёни ду кишвар изҳори назар кардааст.

Президенти Ироқ ба аҳамияти густариши ҳамкориҳои ду кишвар ба ҳадафи сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ ва зарурати боз кардани сафорати Тоҷикистон дар Бағдод таъкид кардааст.



Оқил Оқилов, собиқ Сарвазири Тоҷикистон

МОҲИГИРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН МАНЪ ШУД

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон аз қатъиян манъ шудани шикори моҳӣ давоми моҳҳои наздик зикр карда, ба қонуншиканҳо ҳушдор дод.

Ба иттилои кумитаи мазкур, манъи сайди моҳӣ дар Тоҷикистон аз моҳи апрел то 15-уми июн идома хоҳад кард. Ин маҳдудият ба марҳилаи тухмгузории моҳиҳо марбут мебошад. Моҳигирӣ дар ин давра метавонад ба ҳифзу такрористеҳсоли моҳӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҳушдор дода шудааст, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои нақзи ин меъёр ба шахсони ҳуқуқӣ аз 3 то 5, барои шахсони мансабдор аз 10 то 15 ва шахсони ҳуқуқӣ аз 100 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст. Ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҷумҳурӣ 68 сомониро ташкил медиҳад.

Гуфа мешавад, ки давоми 15 рӯзи аввали давраи манъи сайди моҳӣ санадҳои азназаргузаронӣ, 5 адад амрнома ва 1 адад протокол оид ба хариду фурӯши моҳӣ тартиб дода шудааст. Инчунин, дар шаҳри Ҳисор 4 сокин, ки бе иҷозат ба харидуфурӯш ва гирифтани захираҳои табиӣ, амсоли ширмоҳӣ машғул буданд, дастгир карда шудаанд.

$99 МИЛЛИОН САРМОЯ БА СУҒД РАФТ

Ба иқтисодиёти вилояти Суғд дар 3 моҳи аввали соли равон наздики 99 млн доллар сармояи хориҷию ватанӣ ҷалб гардид.

Дар ин бора дафтари матбуоти МИҲД-и вилояти Суғд иттилоъ дода, афзуд, ки ин нишондиҳанда дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта беш аз 6% зиёд мебошад.

Дар таркиби сармояи ҷалбгардида наздики 91 млн долларро сармояи хориҷӣ ташкил дода, боқимонда 18 млн доллари дигар сармояи ватанӣ аст, ки ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилоят равона карда шудааст.

Дар ин давра воридоти сармояи мустақим ба маблағи 55 млн доллар баробар шудааст, ки ҳаҷми афзоиши он наздики 3% арзёбӣ гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нақшаи воридоти андозҳо ба буҷетҳои давлатию маҳаллӣ сари вақт ва барзиёд иҷро шуда, дар ин замина уҳдадориҳои иҷтимоии давлат амалӣ гардиданд. Инчунин, ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят дар моҳҳои январ-марти соли 2023 ба зиёда аз 700 млн доллар ва тавлидоти маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёда аз 1 млрд сомонӣ арзёбӣ шудааст.

АЁДАТИ САРВАЗИРИ СОБИҚ

Дар арафаи иди Фитр раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар шаҳри Бӯстон аз ҳоли собиқадорони меҳнат хабар гирифт.

Ҳангоми аёдат бо собиқадорони хизмати давлатӣ ва маорифу тандурустӣ - сарвазири собиқи Тоҷикистон Оқил Оқилов, собиқадори соҳаи маориф Светлана Добросмислова ва собиқадори соҳаи тандурустӣ Сафия Саидова таъкид шудааст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳаёту зиндагии собиқадорон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Иттилоъ дода шуд, ки аёдатшудагон солҳои зиёд дар вазифаҳои гуногун кор карда, саҳми худро дар пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон гузоштаанд.

Ба номбурдагон аз ҷониби раиси вилоят кумакҳои моддӣ расонида шуда, бонувони барӯманд барои дастгириҳои доимӣ изҳори сипос намудаанд.

САРИ САБЗ



Носир БОЗОРОВ,
Устоди варзиши миллии "Гӯштингирӣ"

- Фарқият он аст, ки дар самбо вақти қувваозмоӣ аз пой мегиранд ва дар замин афтонда, усулҳои латдиҳӣ ва бӯғикуниро истифода мебаранд, ки инҳо дар гӯштини мо вуҷуд надоранд. Лекин такягоҳи самбо ва ҷудо гӯштини миллии мост.

- Такягоҳашон гӯштини миллии мо ки бошад, номаъқул карда ҳар усули мехостаашонро истифода мебаранд?! Ё вақти ворид кардани усулҳои нав, масалан лагадзанӣ ё гӯшгазӣ дар гӯштини миллӣ фаро расидааст?



Ҳилолбӣ ҚУРБОНЗОДА,
раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи ҶТ

- Мардҳое, ки ба кумита мурочиат мекунанд, мурочиати онҳо зӯроварӣ ҳисобида намешавад. Омилҳои зӯроварӣ аз ҷониби занон нисбати мардон ба қайд гирифта нашудааст. Ба мард аз ҷониби занон ҷабр ба қайд гирифта нашудааст.

- Ҳаҳаҳаҳ, аз хандара куштед, раиса! О, мардҳои бечора ҳама корро худашон кунанд, боз барои чӣ нисбаташон зӯроварӣ сурат мегирифтааст?



ХАЙРАНДЕШ,
шоири шинохтаи тоҷик

- Ногоҳ аз пуштам касе садо бароварад. Нигоҳ кардам як гурӯҳ донишҷӯдухтарҳо буданд. Яке аз онҳо ба ман як кулчақанд дод ва гуфт устод ҳаминро гиред. Ман исрор кардам, ки намегирам ва худатон хӯред.

- Акнун ки аз он воқеа хело вақт гузаштааст, росташро гӯед, он лаҳзаҳо дар чӣ хаёл будед? Барои донишҷӯ буданашон дилатон сӯхт, ё фикр кардед, ки мабодо бо кулчақанд гармӣ накарда бошанд?

▸▸ *Нигаронӣ*

Аз аввали соли ҷорӣ қимати рубли русӣ поён рафта истодааст. Беқурбшавии рубли русӣ баъд аз 27-уми март шиддат гирифт.



Рубл ва муҳоҷир

Агар 27-уми март дар нуқтаҳои мубодилоти асъор 1000 рублро 142 сомонӣ иваз мекарданд, ҳудуди ду ҳафта пас ҳамин миқдор пулро 132 сомонӣ иваз карданд. Уфти сомонӣ нисбат ба рубл дар ин давра 7,7%-ро ташкил медиҳад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, арзон шудани рубл ба бучаи муҳоҷирон низ хисорот ворид месозад. Мутаносибан, қурби рубл дар баробари сомонӣ ҳар қадар боло равад, ҳамон қадар даромади хонаводаҳои муҳоҷирони корӣ бештар мешавад.

Тибқи иттилои манобеи мухталиф, имрӯз беш аз 1 миллион шаҳрванди Тоҷикистон дар Русия кору зиндагӣ мекунанд.

Бори охир баҳори соли гузашта дар натиҷаи таҳримҳои Ғарб қурби асъори русӣ нисбат ба асъори миллӣ то ҳудуди 60 сомонӣ поён фаромада буд. Вале баъдтар дар тирамоҳ қурби рубл боло рафт ва мақоми пештараи худро соҳиб шуд.

Сабабҳои беқурбшавии рубл

Ҳоло як доллар ба 82 ва як евро ба 88 рубл баробар аст. Моҳи март доллар ба 77 ва евро ба 81 рубл баробар буд. Чаро чунин шуд?

Коршиносон омили якуми пастшавии қурби пули русиро таҳримҳои сиёсию иқтисодӣ ва омили дуюмро афзоиши воридот медонанд. Иқтисоди Русия аз кишварҳои Аврупову Амрико ва ҳампаймонони онҳо сахт вобастагӣ дорад. Масалан, Русия аз ин кишварҳо таҷҳизоти электроникӣ ворид месозад.

Омили сеюм арзон шудани арзиши нафт ва омили чорум коҳиш ё касри асъор мебошад. Ҳар касе, ки асъор дорад, кӯшиш мекунад онро нигоҳ дорад. Коҳиши асъор натиҷаи дастрасии маҳдуди бонкҳои давлатии Русия ба манобеи молиявии Ғарб аст.

Омили панҷум заминаҳои дохилии Русия аст, яъне ҳама чизе, ки имкон намедиҳад, то рубл мустаҳкам шавад: иқтисоди заиф, таваррум, ки аллакай аз нишондиҳандаҳои пешбинишуда болотар аст. Иқтисоди заиф заминаи умумии номусоид ва таҳкурсиест, ки ин бинои рахна бар он меистад.

Бархе коршиносон ба ин назаранд, ки коҳиши қурби рубл кори дасти иқтисоддонҳои давлат буда, барои дарёфти фоида ё ба манфиати бучаи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Чунки бо ин роҳ метавон касри буҷаро пур кард. Доллару еврои қимматро давлат фурӯхта, бо ин усул буҷаи худро пур мекунад ва нафақаву маоши кормандони буҷавӣ, инчунин қарзҳои хориҷии худро мепардозад.

Аз ҳад зиёд арзон шудани рубл ҳам на фақат иқтисоди Русия, балки кишварҳои ИДМ-ро низ хеле заиф мегардонад. Бинобар ин, ҳоло ҳукумати Русия як тавозунеро мехоҳад риоя кунад, ки ҳам барои буҷаи вай ва ҳам мардум манфиатнок бошад.

Инчунин, масъулини ҳукумати Русия сабаби коҳиши феълии қурби рублро якбора ба чанд омил - кам шудани боварии мардум ба устувории рубл, дар сатҳи паст будани фурӯши асъор аз ҷониби содиркунандагон, коҳиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, паст рафтани меъёри калидии (тахфифии) қарз, кам гардидани харидуфурӯши маҷмуи асъор ва ҳамчунин фурӯши тиҷорат дар Русия аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ марбут медонанд.

1000 рубл 100 сомонӣ мешавад?

«Мо интизорем, ки давраи мутобиқшавии иқтисоди Русия ва содиркунандагони молу маҳсулот ба таҳримҳои беруна чанд моҳи дигар тӯл мекашад, ки пас аз он вазъ дар вуруди асъор метавонад беҳтар шавад ва қурби рубл дар фасли баҳор муътадил ва дар тобистони ҳамин сол каме мустаҳкамтар шавад. Барои он ки рубл ба таври назаррас таҳаввул нишон диҳад, нафти Brent бояд ба таври қатъӣ камаш як ё ду моҳ аз ҳудуди $85/барр устувор бошад. Дар моҳҳои оянда қурби як доллар ба 75-85 рубл баробар хоҳад буд»,- ақида дорад Алексей Заботкин, муовини раиси Бонки марказии Русия.

Нашрияи “Рамблер” ба ин ақида аст, ки то охири сол як доллар ба 95 рубл баробар хоҳад шуд. Соли гузашта даромади буҷаи давлатӣ аз ҳисоби нафт хеле зиёд буд. Аз ин рӯ як доллар дар фосилаи 70-80 рубл қарор дошт. Имсол вазъият дигаргунатар аст, аз ин сабаб як доллар дар фосилаи 80-95 рубл баробар хоҳад буд.

Агар сад доллар 9,5 ҳазор рубл шавад, он гоҳ аз рӯи ҳисобҳо 1000 рубл ба 100 сомонӣ баробар хоҳад шуд, ки ин ҳолат ба буҷаи муҳоҷирон зарари калон хоҳад расонд.

Миръатулло АТОЙ,
“Тоҷикистон”

▸▸ *Мавқеъ*



Абдулқодири РАҲИМ

АГАР МУСУЛМОНӢ ҲАМИН АСТ...

Инак, моҳи шарифи Рамазон ҳам ба охир расид. Пас аз чанд рӯз ид мешавад, иди Рамазон.

Аз ҳама гуна ид мардум шод мешаванд ва онро бо муҳаббат истиқбол мекунанд. Аммо барои гурӯҳе пештар ва дар ҳамаи ин рӯзҳо «ид» буд ва идома меёбад. Ҳеҷ кас мисли онҳо фарорасӣ ва сӣ рӯзи моҳро истиқбол накардаву нахоҳад кард. Ин тоифа ё худ гурӯҳ савдогаронанд, албатта, на ҳама, вале аксарашон. Бо омадани моҳи рӯза нархҳои ҳамаи ашёи зарурӣ, хоса маводи хӯрокаро боло бардоштанд. Иди бузургу ҳақиқии онҳо чанд рӯз пештар аз омадани иди аслӣ буд.

Аз мақоли «бардорад зам кун, набардорад кам» бисёр хуб истифода мекунанд. Мутаассифона, фақат қисмати аввали ин мақол амалӣ мешавад. Нархҳоро чунон бардоштанду мебардоранд, ки ҳатман бояд ба ин гуфта розӣ бишавӣ, ки имон аз бозорҳову маконҳои фурӯш бармаҳал фирор карда ва ҳеҷ чуръати омадан намекунад. Агар зорӣ ҳам бикунӣ, ҳатто барои чанд дирам нархи маҳсулотро поён намефароранд. Агар барои таскини хотират аз онҳо бипурсӣ, ки оё рӯзадоранд, бешак, посухи мусбат мешунавӣ. Гӯиё, чамъу зарбро омӯхтаанду аз тарҳу тақсим хабаре надоранд. Ҳеҷ намеандешанд, ки бар кӣ ҷабр мекунанд. Ҷабр ҷабр аст, набояд онро ба касе раво бидорӣ. Аммо ин ҷабри дигар аст, ки онро ба ҳаммиллат, ҳамватан, ҳамдин мекунӣ. Ҳама медонанд, ки нархи маҳсулотро, ки дар Рамазон боло бибардоранд, дигар ҳеҷ гоҳ дар андешаи поён кардани он намешаванд. Гар мусулмонӣ ин аст, вой аз ин мусулмонӣ, вой аз ин мусулмонӣ.

Ин афрод дар кишварҳои хориҷӣ буданд ва дидаанд, ки фурӯшандагон дар ин моҳ на танҳо нархҳои маҳсулоташонро арзон мекунанд, балки ҳимматашон дар ин моҳ чӯш мезанад ва хайри бештар ба нодорон, заифон, муҳоҷирон мекунанд.

Ин афрод шояд надонанд, ки дастархони ҳамватанонашон, хоса нодорон ҳар бегоҳӣ дар ин як моҳ чӣ гуна ороста буду мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар ин кор ҳеҷ худро гунаҳкор намешуморанд.

Нафаре барои пешгирии ин аъмоли ноҳуби онҳо ба руҳоние мегуфт:


(Давомаш дар саҳ.5)

▸▸ *Суоли рӯз*

ЧАРО ИМСОЛ РАМАЗОН 29 РӮЗ ОМАД?

Шӯрои уламо шарҳ дод

Тибқи қарори Шӯрои уламои кишвар имсол моҳи шарифи Рамазон 29 рӯзро дар бар мегирад ва 21-уми апрел расман Иди Рамазон таҷлил мегардад.



Ин қарори Шӯрои уламои кишвар миёни сокинон суолеро ба вуҷуд овардааст, ки чаро имсол моҳи шарифи Рамазон 29 рӯзро дар бар гирифт?

Ба ин савол Шӯрои уламои кишвар ба таври муфассал дар сомонаи худ посух додааст. Ин ниҳод аз ҷумла менависад:

- Моҳи қамарӣ 29 рӯз ё 30 рӯз мешавад, зеро дар ҳадис омадааст: “Мо уммати уммӣ ҳастем, навиштану ҳисоб кардanро намедонем, моҳ гоҳе ин қадар ва гоҳе ин қадар мешавад, яъне гоҳе 29 рӯз ва гоҳе 30 рӯз мешавад” (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки фармуд: “Чанд соле, ки ҳамроҳи Пайғамбар (с) рӯза доштем, рӯзаи 29-рӯзаамон аз рӯзаи 30 рӯзаамон бештар буд” (Ривояти Абӯдовуд).

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) боз ривоят аст, ки фармуд: “Чанд боре, ки ҳамроҳи Пайғамбар (с) рӯза дошта будам, аксараш 29-рӯзӣ буд”. Дар ин боб аз Умар (р), Абуҳурайра (р), Оиша (р), Саъд иби Абуваққос (р), Ибни Аббос (р), Ибни Умар (р), Анас (р), Умми Салама (р) ва Абубакр (р) низ ривоят шудааст, ки Пайғамбар (с) фармуданд: “Моҳ гоҳе 29 рӯз мешавад” (Ривояти Тирмизӣ).

Тибқи қарори Шӯрои уламо имсол моҳи шарифи Рамазон дар қаламрави кишвар 29 рӯзро дар бар мегирад, ки ба феъли Расули акрам (с) ва саҳобагони гиромии ӯ мувофиқ мебошад, зеро он Ҳазрат (с) дар умри азизи худ моҳи Рамазонро бештар 29-рӯзӣ рӯза доштаанд.

Агарчи имсол моҳи Рамазон 29 рӯз ҳам бошад, ҳеҷ чои нигаронӣ надорад ва ҳамагон бояд донанд, ки ачру савоби он комил аст ва аз ибодати рӯзадорон чизе кам нахоҳад шуд. Вақте ки худи он Ҳазрат (с) 29 рӯз рӯза дошта бошанд, пас 29 рӯз шудани моҳи муборак мувофиқ ба суннати Расули акрам (с) аст.

▸▸ *Марз*

ХАРИТАИ СОЛИ 1924

чаро он Содир Ҷабборовро нигарон кардааст?



Содир Ҷабборов (Жапаров), президенти Қирғизистон рӯзи 17-уми апрел бо оҷонсии давлатии кишвараш "Кабар" дар бораи ҳалли мушкили сарҳад бо Тоҷикистон суҳбат кард. Ӯ гуфт, ки дар ин маврид баъзе пешравӣ ҳаст, аммо дар умум кор "бисёр суст" ҷараён дорад.

Нигаронии Ҷабборов

Айни замон Ҷабборов аз он нороҳатӣ кард, ки барои ҳалли баҳси сарҳадӣ дар баъзе аз минтақаҳо истифода аз харитаи соли 1924 пешниҳод шудааст.

"Ҳалли масъала бар асоси харитаи соли 1924 на аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва на аз ҷиҳати ахлоқӣ муносиб нест. Дар соли 1924 на мо ва на онҳо давлати алоҳида набудем",- афзуд Содир Ҷабборов.

Ҷониби Тоҷикистон ба изҳороти нави Ҷабборов вокуниш накардааст. Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2022 дар Маҷмаи Умумии Созмони Милал гуфта буд, ки "Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷиҳати тавсифи хати сарҳади давлатӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои муайянкунии миллӣ-ҳудудии солҳои 1924-1927 ба созиш расидаанд".

Раиси ҷумҳури Қирғизистон дар моҳи ноябри соли 2022 гуфта буд, ки то тобистони соли 2023 мушкили сарҳадро бо Тоҷикистон ҳал мекунанд, вале дар суҳбати рӯзи душанбе санаеро зикр накард. Ӯ гуфт, ки дар моҳи ноябр "кор бо суръат ҷараён дошт", вале ҳоло суст шудааст.

Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан ҳазор километр марз доранд. 682 километри он мушаххас ва боқимонда ҳанӯз номуайян аст.

Харитаи соли 1924

Дарвоқеъ, дар гуфтушунидҳо бо Қирғизистон Тоҷикистон ба ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва 1932 такя карда, бар ин назар аст, ки онҳо аз ҳамаи расмиёт гузаштаанд ва сарҳади давлатиро байни Тоҷикистону Қирғизистон тасдиқ мекунанд.

Дар ин ҳуҷҷатҳо дар бораи чудо кардани қаламрави миллии Осиёи Миёна дар солҳои 1924-1927 ва тасдиқи ниҳоии онҳо сухан меравад.

Тавре коршиноси масоили байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо менависад, ба таври дақиқтар, 24-уми ноябри соли 1924 аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади амалӣ сохтани нақшаи тақсимоти миллию маъмурӣ дар Осиёи Марказӣ ва таъсиси ҷумҳуриҳои нав «Кумитаи барҳамдиҳии Осиёи Миёна» (Среднеазиатский ликвидационный комитет) таъсис дода шуд, ки то 17-уми марти соли 1925 корҳои фаннӣ ва ҳуҷҷатгузории тақсими ҷумҳуриҳои навтаъсисро анҷом дод.

Дар асоси хулосаҳои ин кумита, 29-уми сентябри соли 1925 Президиуми КИМ ҶШС Ӯзбекистон, ки дар он давра Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати ин ҷумҳурӣ буд, сарҳади давлатии байни ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Федеративии Русияро, ки дар он давра Қирғизистони имрӯза ҳамчун «Вилояти мухтори Қароқирғиз» ба ҳайати он шомил мешуд, тасдиқ намуд.

9-уми ноябри соли 1925 Президиуми КИМ Умумирусиягӣ сарҳади байни ҶШС Федеративии Русия ва ҶШС Ӯзбекистонро дар ҳамон ҳудудҳои муайяннамудаи кумитаи зикршуда эътироф ва тасдиқ кард. Ҳамин тавр, тақсимоти соли 1924 тамоми расмиёти муқарраршудаи давраи шӯравиро гузашта, расмияту қонунияти зарурӣ пайдо намуд.

Ҳангоми гирифтани мақоми ҷумҳурии иттифоқӣ дар соли 1936, Қирғизистон дар ҳамон сарҳадҳое, ки солҳои 1924-1927 ва 1932 тасдиқ шудааст, ташкил дода шуд.

Ворух анклав нест

Дар асоси ин харита ҷамоати Ворухи Тоҷикистон ҳеҷ гуна анклав набуд, замин ва роҳи мустақим Ворухро бо қаламрави боқимондаи ноҳияи Исфара мепайваст. Гузашта аз ин, бештари манотиқи баҳсбарангез дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгир буда, сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон то умқи марзҳои феълии Ҷумҳурии Қирғизистон мерасад.

Ин аст, ки Тоҷикистон дар музокироти марзӣ маҳз ба «Ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва соли 1932» такя мекунад. Асос ва зарурати инро коршиноси масоили байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо дар мақолаи худ таҳти унвони “Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари тағовузгар нест?” тариқи зайл шарҳ медиҳад:

1. “Ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва 1932” ягона бастаи ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар онҳо сарҳадҳои давлатии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар давраи таъсиси ин давлатҳо ба таври дақиқ ва расмӣ муайян ва тасдиқ карда шудааст.

2. Ин ҳуҷҷатҳо ягона ҳуҷҷатҳоест, ки тамоми расмиёти байниҷумҳуриявӣ ва давлатиеро, ки Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ барои муайян кардани сарҳади байни ҷумҳуриҳои узви ИҶШС муқаррар намуда буд, ба пурраги гузашта ва расмияти давлатӣ ёфтаанд.

3. Дар тамоми давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ва пас аз истиқлоли давлатии кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон, яъне аз соли 1932 то имрӯз ягон ҳуҷҷати дигари муайянкунандаи сарҳади давлатии байни ин ду давлат ба тариқи расмиёти муқарраршуда дар сатҳи байниҷумҳуриявӣ ва сатҳи давлатии ИҶШС қабул нашудааст.

4. Агар ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ҳастанд, эътироф нагарданд ва сарфи назар шаванд, вазъияти сарҳадҳо ба ҳолати таърихии то барқарории Иттиҳоди Шӯравӣ бармегардад. Яъне он гоҳ сухан аз марзҳои Амирати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ ва ҳатто хонигариҳои Хеваю Хуқанд меравад.

Дар чунин сурат ду тараф ҷонибият ё субъективияти худро дар музокироти сарҳадӣ умуман аз даст дода, ҳам мавзуъ, ҳам миқёс ва ҳам қоидаҳои музокирот комилан дигар мешаванд.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои расмии муайянкунандаи сарҳади байни ин ду кишвар, имрӯз ҳудуди 211 000 гектар замини қаламрави қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёр ё истифодабарии Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад. Маҳз ҳамин рақам 23-юми сентябри соли 2022 дар суханронии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷмаи умумии СММ садо дод.

▸▸ *Хатар*

ҚУРБОНИИ БОТУЛИЗМ

Аз марги ду кӯдак то маслиҳати мутахассис

Санаи 18-уми апрел дар деҳаи Некноти шаҳри Панҷакент бар асари хӯрдани консерваи дар сирко хобонидашудаи бодиринг як оила заҳролуд шуда, аз байни онҳо ду кӯдаки ноболиғ фавтиданд. Дар ин бора аз беморхонаи шаҳри Панҷакент хабар доданд.



Тибқи иттилои сокинони деҳа, модари кӯдакон ва як кӯдаки дигар дар шуъбаи эҳёи беморхона дар ҳолати вазнин қарор доранд. Гуфта мешавад, ки кӯдакони фавтида яке 5-сола ва дигаре 9-сола мебошанд. Дар ин миён падари кӯдакон Ашӯров Шавкат бо як фарзанди ширмакаш солим мондаанд.

Сабаби заҳролудшавии ин хонаводаро табибон бемории ботулизм медонанд.

Ботулизм як бемории ниҳоят хатарноки сироятӣ ва заҳролудкунанда аст, ки аз токсинҳои бактерияҳо бо номи Clostridium botulinum ба вуҷуд меояд. Бактерияҳои зарароварро дар муҳитҳои беоксиген ё оксигени камдошта, ба монанди консерваҳо, нашъунамо меёбанд ва токсинҳоро тавлид мекунанд. Ҳангоми истеъмол онҳо ба меъда рафта, маъмулан пас аз 12 то 36 соат аломатҳои беморӣ зуҳур мекунад. Аломатҳои он мушкил будани фурӯбарии хӯрок ва гапзанӣ, даҳони хушк, заифӣ дар ҳар ду тарафи рӯй, хира дидан ё калон дидан, овезон шудани пилкҳои чашм, нафаскашии душвор, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, исҳол ва фалаҷ арзёбӣ мешаванд.

Ботулизм дар натиҷаи аз таъсири ботулотоксин осеб ёфтани мағзи дарозрӯя ва ҳароммағз падид меояд. Заҳри ангезандаи ботулизм (ботулотоксин) ҳангоми ҷӯшонидан то 5 соат маҳфуз мемонад, аммо дар ҳарорати 120°C баъди 20 дақиқа маҳв мешавад.

Ботулотоксин ба воситаи луобпардаи меъда ва рӯда ба хун ворид шуда, мушакҳоро бекор, рагҳои хунро тангу фалаҷ ва мӯйрагҳо (капиллярҳо)-ро мӯрт мегардонад. Аз таъсири ботулотоксин хусусан нейронҳои муҳаррики ҳароммағз ва мағзи дарозрӯя зуд ҳассос мегарданд.

Ба ботулизм бештар гирифтор шудани одамон дар Тоҷикистон аз солҳои 70 шуруъ шуд. Дар беморхонаҳои мамлакат соле даҳҳо хонавода бо ташхиси бемории ботулизм бистарӣ мегарданд, ки сабаби он истеъмоли консерваҳои сабзавотӣ, хусусан боимҷон, бодиринг, занбурӯғ, сир, қаламфур ва карам аст. Ба хотири пешгирии ин беморӣ риояи қоидаҳои тайёр кардану нигаҳдошти консерваҳо ҳатмист. Истифодаи консерваҳои сарпӯшашон дамида ва зангзада қатъиян мамнуъ аст.

М.АТОӢ

ФАНДИ «ПАЙВАНД»

Чаро ин ширкат мардумро гӯл мезанад?

Ширкати «Пайванд» дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳри Душанбе даҳҳо терминалҳои рангашон кабудро, ки бо тангаҳои фулузии 1, 3 ва 5-сомонӣ ба муштариён хизмат мерасонанд, насб намудааст. Рости гап, дар марҳилаи аввал ин терминалҳо ба мардум хуб хизмат мерасонданд. Аммо вақтҳои охир аз чӣ бошад, ки баъзе терминалҳои ин ширкат тангаҳоро қабул намекунанд. Ё тангаҳоро ворид ҳам кунед, ба суратҳисоби телефон намегузаранд.



Ваъда додӣ, вафо кун!

Фанди ширкати “Пайванд” дар моҳҳои февралу марти соли ҷорӣ се бор ба мо рӯй додааст. Дафъаи аввал ба терминали рақами 350332-и ширкати «Пайванд», ки дар кӯчаи Низомии Ганҷавии ноҳияи Сино воқеъ аст, як тангаи 3-сомонӣ ва як тангаи 50-дирамиро барои пайвастани телефони 988 303 245 ворид кардем. Терминал тангаҳоро қабул карда бошад ҳам, онҳоро ба тавозуни муштарӣ дохил накард. Зуд ба хадамоти дастгирии ширкати «Пайванд» тахти рақами 5505 аз телефони дигар занг задем. Оператори ширкат арзи моро шунида, ваъда дод, ки “пас аз санҷидани терминал, телефонатонро ҳатман фаъол мегардонем”. Як рӯз гузашт, пайваст накарданд. Маротибаи дуюм занг задему арзамонро такроран ба қайд гирифтанд ва боз ваъда доданд. Як рӯз пас хирагӣ намуда, сеюм бор занг задем. Ҳеҷ нест, ки ба ваъдаашон вафо бикунанд. Дидем, ки операторони ширкат моро бозӣ доронда истодаанд, ба рӯзи пурбориш нигоҳ накарда, сурӯғаи ширкати «Пайванд»-ро, ки дар хиёбони Исмоили Сомонӣ, дар рӯ ба рӯйи бозори «Шому саҳар»-и ноҳияи Сино, дар ошёнаи аввали бинои истиқоматии бисёрошёна ҷой гирифтааст, пас аз чустучӯ ёфтем. Кормандони ширкат, ки аксар ҷавонон будаанд, аз муроҷиати мо ба ҳайрат омаданд, ки «наход барои чанд сомонии ночиз дар рӯзи боронӣ ба ширкат биёянд?». Онҳо операторонеро, ки арзи моро дар давоми як ҳафта шунидаю ба қайд гирифта, ваъдаҳои бардавом доданд, ошкор накарданд. Қатъияти моро дида, Акбар ном ҷавоне розӣ шуд, ки арзи моро бишнавад. Ӯ ба сафедкунии ширкат гузашта, гуфт, ки «терминали гуфтагии шумо фақат тангаҳои 1-сомониро қабул мекунад. Дар ин бора огоҳиномаро дар терминал часпонида будем. Шояд бачаҳо канда партофта бошанд?». Акбар аз номи ширкат узр пурсид ва зарари маънавии расонидаро бо маблағи 10 сомонӣ ба тавозуни рақами телефони мо гузаронд, ки он фаъол гардид.

Пас аз ин ҳодиса итминон доштем, ки масъулини ширкати «Пайванд» терминали рақами 350332-ро таъмир мекунанд ва лавҳаи огоҳиро ба муштариён манзур медоранд. Хестӣ, ки хобӣ! То имрӯз аз огоҳинома нишоне нест ва терминал бемалол тангаҳои муштариёнро “фурӯ” мебарад...

Ин фанду фиреби ширкатро фаромӯш карда будам, ки духтарам хоҳиш кард ба тавозуни телефонаш маблағе пардохт намоям. Як тангаи 1-сомонӣ ва як тангаи 3-сомониро ба терминали ширкати номбурда партофта, аз духтарам пурсидам, ки 4 сомонӣ маблағ ба тавозунаш гузашт ё не? Посух дод, ки «нагузаштаст». Зуд ба хадамоти дастрасии ширкат занг задам. Ваъда доданд, вале чанд рӯз баъд аз хирагии ман он маблағро пас аз ду рӯз гузарониданд.

Боз шикоят, аммо кӯҷост садошунав?

Болои сӯхта намакоб. Боз 7-уми март духтарам хоҳиш намуд, ки ба тавозуни телефонаш 988 303 245 маблағе пардохт намоям. Азбаски пулҳои коғазини зарурӣ надоштам, ин бор ба терминали рақаме, ки дар хиёбони Саъдии Шерозии пойтахт, дар рӯ ба рӯи бинои Сирки давлатӣ воқеъ аст, як тангаи 50-дирамӣ, як тангаи 1-сомонӣ ва як тангаи 3-сомонӣ партофтам. Ин дафъа ҳам терминали “Пайванд” 4,5 сомониро ба тавозуни телефони болозикр ворид накард. Зуд ба хадамоти дастгирии ширкат занг зада, арз кардам. Шикоятро Қосим ном оператор шунид. Ӯ ваъда дод, ки хатои терминалро ислоҳ хоҳанд кард. Аз байн ду рӯз гузашт. Духтарам гила кард, ки «то ҳол ягон сомонӣ ба тавозуни телефонаш нагузаштааст». Ноилоҷ боз ба ширкат мурочиат намуда, арзамро хотирнишон сохтам. Оператор аз нав ваъда дод. Рӯзи дигар боз ширкатро аз ваъдаи додаашон ҳушдор додам. То имрӯз ширкати «Пайванд» 4,5 сомонии муштарии фаъолашро ба тавозун нагузаронидааст.

Чаро ширкати «Пайванд» дидаю дониста терминалҳои нимвайронаашро таъмир намекунад? Дилпуранд, ки ҳар рӯз даҳҳо муштариён ҳеҷ гоҳ барои 3-4 сомонӣ шуда, ба ширкат арз намебаранд? Онҳо маблағҳои бе дарди миёнро ба ҷиғилдони худ мезананд? Зимнан, кай терминалҳои аз кор мондаю баъзеяш оҳанпора шуда, ки ҳусни маркази шаҳрро коста мегардонанд, аз назди Маркази савдои «Садбарг» бардошта мешаванд?

Эмоми НАЗАРИЁН,
рӯзноманигор

Фарҳанг

ОҲАНГСОЗОНИ ЎЗБЕКИСТОН БА ДУШАНБЕ МЕОЯНД

Оҳангсозони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар шаҳри Душанбе се рӯз Фестивали мушараки мусиқӣ баргузор мекунанд. Дар ин бора Амирбек Мӯсоев, раиси Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон хабар дод.

“Аз кишвари ҳамсоя 6 нафар композиторон ва бастакорони шинохта ба Тоҷикистон меоянд”,- гуфт Амирбек Мӯсоев.


Ин фестивал рӯзҳои 24-уми май дар Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон, 25-уми май дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ва 26-уми май дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон баргузор хоҳад шуд.

Ҳайати оҳангсозон ва бастакорони Ӯзбекистон бо роҳбарии раиси Иттифоқи оҳангсозон ва бастакорони Ӯзбекистон Рустам Абдуллоев вориди шаҳри Душанбе хоҳанд шуд. Онҳоро Ҳабибулло Раҳимов, муовини раис ва Мустафо Вафоев, Дилором Саидаминова, Ойиддин Абдуллоева, Акмал Сафаров - оҳангсозон ва Элнура Мирзокамолова - навозанда ҳамроҳӣ хоҳанд кард.

Омор

$8,6 МЛН ДОЛЛАР ДАРОМАД

Тоҷикистон ба кучо барқ содирот мекунад?



Даромади Тоҷикистон аз содироти барқ дар семоҳаи аввали соли равон нисбат ба соли гузашта қариб 18% афзоиш ёфт.

Гуфта мешавад, ки дар ин давра аз ҳисоби фурӯши барқ ба хориҷи кишвар 8,6 млн доллар даромад ба даст омадааст. Агентии омори Тоҷикистон хабар медиҳад, ки соли гузашта даромад аз содироти барқ ҳудуди 7,3 млн долларро ташкил дода буд.

Таъкид мегардад, ки афзоиши ҳаҷми даромад дар 3 моҳи аввали соли равон дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта муодили 17,5% шудааст.

Дар ҳамин ҳол, Агентии омор тавзеҳ додааст, ки дар моҳи феврал ҳаҷми содирот 2,5 миллион долларро ташкил дода, нисбат ба моҳи январ, ки содирот ба 4,3 миллион доллар расид, 42% камтар буд.

Дар рӯйхати харидорони асосии барқи Тоҷикистон одатан кишварҳои Афғонистон ва Ӯзбекистон рост меоянд.

Эътироз

АЗ ИВАЗИ РАҚАМ ЧӢ ТАҒЙИР МЕЁБАД?

Аз наздикии Фурудгоҳи пойтахт ба таксӣ савор шудаму гуфтам:

- Маро ба таваллудхонаи №1 бар!

Ронандаи ҷавон ба ҷое, ки маро ба кӯчаи Мирзо Турсунзода орад, ба тарафи кӯчаи Исмоили Сомонӣ бурд. Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Писар, маро ба кучо мебарӣ?

- Ба роддоми як,- посух дод ӯ.

- Магар таваллудхонаи як дар тарафи Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия нест?,- боз савол кардам.

- Не, ҳоло вай роддоми 3, роддоми 3 рақами 1 шудагӣ...

Дар ҳайрат мондам, ки сабаби иваз кардани рақами таваллудхона чист? Ин чиро тағйир медиҳад? Ё Маркази табобатии (поликлиникаи) №1 имрӯз №13 шудааст. Магар рақамивазкунӣ сатҳу сифати хизматрасонии тиббиро дар кишвар беҳтар мекунад?

Зуҳро САФАРАЛИЕВА,
сокини шаҳри Душанбе



Мавқеъ

АГАР МУСУЛМОНӢ ҲАМИН АСТ...

(Аввалаш дар саҳ.3)

- Чаро пандашон намедиҳед, то аз ин ҷабр даст бикашанд ва аз роҳи хато бароянд?

Руҳонӣ ба ӯ посухи дурусту сазовор дод:

- Ин афрод чун ба сухани Худову расули барҳаққаш гӯш намедиҳанд, метавонанд панду насиҳати моро бипазиранд?

Мутаассифона, ин дард дарди нав нест, дарди куҳна аст. Табибон беҳтар медонанд, ки илочи дарди куҳна душвортар аст ва дар баъзе маврид номушкил.

Пас, то ба кай ин ҳол бояд идома биёбад? Бархе то ба ин сатҳ ҳам андешиданд, ки аз баҳри ин моҳу ин ид бибароянд. Бешак, аъмолу муносибати фурӯшандагон ҷуз чунин пешниҳод натича, натичаи нек надорад.

Агар бипурсанд, ки аз рамазонҳои пешин чӣ монда ва аз ин Рамазон чӣ хоҳад монд, шояд аксар посух бидиҳанд: “Нархҳои гарон».

Мавлонои бузург агар ин ҳолро медид, шояд байти дигаре эҷод мекард ба ин мазмун, ки аз рӯза бархе на поку бар афлок мешаванд, аммо гурӯҳе ғамнок мешаванд.

МУЛОҚОТ ВА ВОХӮРИҲОИ ҲАЙАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ҶАЛАСАҲОИ БАҲОРИИ ХБА ВА ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ ДАР ШАҲРИ ВАШИНГТОНИ ИМА

Аз 10 то 16-уми апрели соли 2023 сафари кории ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода барои иштирок дар ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтони ИМА баргузор гардид.



11-уми апрели соли ҷорӣ мулоқоти ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода бо муовини директори иҷроияи ХБА Бо Ли доир шуд.

Дар мулоқоти мазкур низоми бонкии кишварро раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло намояндагӣ намуд.

Зимни мулоқоти ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Хазинаи байналмилалии асъор Ҳоким Холиқзода барои ҳамкории бисёрсолаи пурсамар, инчунин барои пешниҳоди тавсияҳои саривақтии тахассусӣ дар масъалаҳои пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва суботи молиявӣ миннатдорӣ баён намуд.

Номбурда изҳор дошт, ки ҳамкорӣ бо ХБА дар татбиқи муваффақонаи кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чиҳати нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва молиявӣ дар кишвар саҳми арзанда дорад ва сарфи назар аз вазъи номуайянӣ дар минтақа, дар иқтисодиёти миллӣ рушди устувор ба мушоҳида мерасад.

“Мо,- гуфт Ҳоким Холиқзода,- дар таҳкими устувории бахши молиявӣ ва барқарор кардани эътимод ба бахши бонкӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидем. Ислоҳоти ҷорӣ, ки ҳадафи он таъмини шаффофияти ҳисоботи молиявӣ, пурзӯр намудани талабот ба сармоя, беҳтар кардани идоракунии хавфи қарзӣ ва ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ мебошад, имкон дод, ки низоми бонкӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад”.

Дар идомаи суҳбат раиси Бонки миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷаноби Бо Лиро ба масъалаи оғоз кардани гуфтушунид ва тасдиқи барномаи нави ХБА барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳим арзёбӣ мегардад ва ба нигаҳдории суботи макроиқтисодӣ, дастгирии буҷет, инчунин таъмини хизматрасонии қарзи беруна нигаронида шудааст, ҷалб намуд.

Дар баробари ин, Тоҷикистон омодагии худро барои амалӣ намудани тадбирҳои таҳирнопазири вазъи иқтисодии кишвар дар оянда изҳор намуд, ки ин дар навбати худ ҳамкории дуҷонибаи судмандро тақозо менамояд.

Ҷаноби Бо Ли дар робита ба масоили дар раванди мулоқот мухокимашуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, изҳор дошт, ки роҳбарияти ХБА оғоз намудани гуфтушунидро оид ба Барномаи нави ХБА баррасӣ менамояд.

Ҳамзамон, дар доираи сафари кории ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИМА мулоқоти намояндагони кишвар бо директори Департаменти кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи Марказии ХБА ҷаноби Ҷиҳод Азур доир гардид.



Зимни вохӯрӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким низоми бонкии кишварро муаррифӣ карда, ба Хазинаи Байналмилалии Асъорро барои ба роҳ мондани ҳамкории зичи доимӣ дар самти ислоҳоти иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуд ва таъкид кард, ки маҳз вокуниши саривақтии ХБА ба кишварҳои аъзо ҷиҳати устуворӣ ва мутобиқатӣ ба таъсири омилҳои беруна кумак мерасонад.



Мавсуф ҳамчунин иброз намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳо ва раванди танзими ҳаҷми пул дар муомилот, татбиқи сиёсати пулию қарзиро тавассути истифодаи воситаҳое идома медиҳад, ки таъсири омилҳои монетариро ба болоравии сатҳи нархҳо маҳдуд менамоянд.

Дар ин замина, ба роҳ мондани кумаки техникии ХБА дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар шароити ҳадафгирии таваррум, дастгирии техникӣ барои рушди бахши суғурта, ҷалби мушовирони дарозмуддат дар бахши суботи молиявӣ, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла муайян, идора ва кам кардани таъсири хавфҳои молиявӣ, гузаронидани стресс-тестҳои фаъолияти бонкҳо ва низоми назорати бонкӣ дар доираи стандартҳои Базел муҳим дониста шуд.

Дар ҷараёни мулоқот директори Департаменти кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи Марказии ХБА ҷаноби Ҷиҳод Азур омодагии хешро ба муколамаи озод ва ҳамкории судманди ояндадор баён намуда, аз комёбиву пешравиҳое, ки имрӯз Тоҷикистон ва махсусан Бонки миллӣ ноил гаштааст, изҳори қаноатмандӣ намуд.

Субҳи 13-уми апрели соли 2023 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси машваратии мамлакатҳои электорати ҷаласаҳои баҳории ХБА ва БҶ ширкат намуд.

Зимни маҷлиси машваратии мамлакатҳои электорат, ки бо иштироки васеи намояндагони низоми молиявию бонкии як қатор кишварҳои ҷаҳон баргузор гардид, бештар масъалаҳои ноустувории молиявӣ дар ҷаҳон, вазъи нооромии геосиёсӣ дар минтақа, болоравии сатҳи таваррум ва чораҳои пешгирикунандаи роҳандозишуда, пешбурди сиёсати пулию қарзии қатъӣ ва пардохтпазирии бонкҳо, бухрони энергетикӣ, инчунин дигар масоили муҳими аҳамияти ҷаҳонидошта мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода миннатдории худро ба иштирокчиёни маҷлиси машваратӣ ва ташкилкунандагони он, бахусус ба ХБА ва БҶ баён намуд.

Зимни суханронии худ Ҳоким Холиқзода саҳми ХБА ва БҶ-ро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар назаррас ҳисобида, таъкид намуд, ки маҷлиси машваратӣ аз лиҳози муколамаи бисёрҷониба дар баробари афзоиши номуайяниҳои иқтисодӣ дар минтақа муҳим мебошад.

Дар баробари ин, бо мақсади коҳиш додани хавфҳо ва таъсири дигар пайомадҳои манфӣ ба низоми молиявию бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои таҳирнопазирро амалӣ намуд, ки ба устуворӣ нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва тақвияти эътимоди аҳолӣ ба он замина гузоштанд.

Инчунин, як қатор ислоҳот дар низоми бонкӣ, аз қабили таъмини шаффофияти ҳисоботдиҳии молиявӣ, беҳтарсозии идоракунии хавфҳои қарзӣ, ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои давлатӣ ва амалӣ намудани бонкдории исломӣ дар низоми молиявӣ роҳандозӣ карда шуд.

Яке аз самтҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва расидан ба мақсаду ҳадафҳои гузошташуда - ин идома додани ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, барои роҳандозӣ намудани ислоҳоти сохторӣ ва самарабахшу таъсиррасонии он ба иқтисодиёт, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ тавассути расонидани кумакҳои техникӣ, машваратҳои методӣ ва ғайра нақши калидӣ доранд.

Вобаста ба ин, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва коҳиш додани осебпазирӣ, ҳамкории наздики Хазинаи Байналмилалии Асъор бо давлатҳои аъзо тавассути ба роҳ мондани мониторинг, тақвияти малакаи касбӣ ва пешниҳоди қарз зарур мебошад.

Дар анҷоми вохӯрӣ Ҳоким Холиқзода миннатдории худро ба ХБА ва БҶ барои дастгирии доимии низоми бонкии кишварҳои аъзо иброз намуд.

Дар раванди сафари корӣ ба Вашингтон ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноиби Президенти минтақавии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Шарқи наздик, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Туркия, Афғонистон ва Покистон хонум Ҳела Шейхрухоу мулоқот намуд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо хонум Ҳела Шейхрухоу масоили ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистонро бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Ҳоким Холиқзода аз ҳамкорӣ бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар самти ҳамкориҳои техникӣ, машваратӣ, маблағгузорӣ ва ғайра изҳори сипос намуда, таъкид дошт, ки минбаъд низ ҳамкориҳои судманду муфид идома хоҳанд ёфт.

Мавриди зикр аст, ки тайи солҳои охир дар доираи ҳамкорӣ ва ҷалби мутахассисони Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, аз қабили санадҳои низоми пардохт, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 таҳия карда шуданд.

Дар навбати худ Ҳела Шейхрухоу зимни суҳбат таъкид намуд, ки айни замон Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ бо ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон ҳамкории самарабахш ба роҳ монда, дар оянда низ онро идома хоҳад дод.

Ҳамчунин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва тавсеаи он дар кишвар ҷиҳати ҷалби кумакҳои техникӣ ва машваратӣ аз ҷониби Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ва хонум Ҳела Шейхрухоу даъват ба амал оварда.

Дар анҷоми мулоқот Ҳоким Холиқзода ба хонум Ҳела Шейхрухоу барои ҳамкориҳои судманд миннатдорӣ намуда, изҳор дошт, ки ҳамкориҳо байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ идома хоҳанд ёфт.

Шуъбаи матбуоти БМТ

БОЯД ДИНДОРОНРО БА МАКТАБ ОРЕМ...

Идомаи суҳбат бо профессор Шариф Раҳимзода



Аз монополия то фоизи баланди қарз

- Дар мавриди монополия дар бозори Тоҷикистон чӣ назар доред? Зеро баъзан дар ҷомеа гарон шудани ягон намуди маҳсулотро ба монополия ва дасти гурӯҳҳои алоҳида вобаста медонанд.

- Албатта, ширкатҳои монополистӣ ҳастанд. Монополия гуфта, яъне дар бозор зиёд будани ҳиссаашонро меноманд. Аслан, ду шакли монополия ҳаст: пинҳонӣ ва воқеӣ. Масалан, яке молро мефурӯшад ва ҳаракат мекунад, ки дигарон дар ин бозор мавқеъ надошта бошанд. Ин ҳам вобаста ба таълаботи аҳолӣ ба миён меояд. Бинобар ин, ҳар кас мехоҳад дар бозор якум бошад ва бештар маҳсулот фурӯшаду мизоҷ пайдо намояд.

- Аз баланд будани фоизи қарз дар бонкҳои Тоҷикистон ҳам бисёр мегӯянд. Шумо дар гузашта раиси Бонки миллӣ будед, чаро фоизи қарз дар бонкҳои мо ин қадар миёншикан аст?

- Якум, меъёри қарз бояд аз сатҳи таваррум каме боло бошад. Ба ҳисоби миёна сатҳи таварруми мо 6-7 фоиз аст. Дуюм, ин вобаста ба талаботи аҳолӣ аст. Қарз ҳам мол аст, ки онро мефурӯшанд. Фоизи қарз нархи қарз аст. Бонкҳо низ талаботи аҳолиро нигоҳ карда, қарз медиҳанд. Агар талабот нест, он вақт бонкҳо фоизи қарзро кам мекунанд ё намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, то замоне талабот ба қарз зиёд аст, фоиз баланд боқӣ мемонад.

- Ояндаи иқтисоди Тоҷикистонро чӣ гуна дидан мехоҳед?

- Ҳоло раванди ҷаҳонишавӣ аст. Технологияи муосир бо суръати баланд пеш меравад. Яъне, мо ҳам ба рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ сахт пайвандем. Чунки хоҳем, нахоҳем, ин ба мо таъсир мерасонад. Рушди иқтисод низ ба потенсиали мо вобаста аст.

Аз як тараф, ҳамчун миллат ҳамин шеър моро куштааст. Аз ҷониби дигар, мо миллате, ки решаамон боқувват аст. Аз ҷиҳати ирсият боқувватем. Чунки то математик набошед, шоир намешавед. Мо метавонистем, ки ҳама физик ё математик шавем, лекин шароиту имконият даст надод. Ҳама шоир шудем. Бештарамон шеър мегӯем ва фикр мекунем, ки бо ҳамин бузургем...

- Такя ба чизе гӯед, ки он ба рушди иқтисод таъсир мерасонад...

- Боварӣ ба оянда. Ин такя мекунад ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ. Тоҷикистон бояд тинҷу ором бошад ва мо эмин бошем, меҳнат кунем ва созем. Ман ҳамавақт дар охири ҳар баромад шиоре дорам: Мо як давлате созем, ки дар он шароити беҳтар барои наберагон бошад. Онҳо ба шароит нигоҳ карда, мақсад мегузоранд, ки дар куҷо кору зиндагӣ кунанд. Бубинед, имрӯз ҳама чашм ба Русия ё Амрикову Аврупо доранд. Зеро мебинанд, ки дигарон мераванд. Ҳарчанд мо дар он ҷо хизматгорем.

- Ин таъсири чӣ бошад?

- Чунки донише, ки дорем, ба талаботи онҳо ҷавобгӯ нест. Мактабе, ки дорем, сатҳи таълим ба талаботи онҳо ҷавобгӯ нест. Донишҷӯе, ки донишгоҳи моро хатм мекунад, дар дигар донишгоҳ идомаи таҳсил карда наметавонад. Зеро низоми таълими мо дигар аст.

Диндоронро ҳам ба мактаб бояд оварад

- Шумо дар донишгоҳ ба иқтисодчиёни оянда дарс мегӯед. Аз дониши онҳо қаноатманд ҳастед?

- Чанд сол қабл дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" дар суҳбат бо шумо низоми кредитиро танқид карда будам. Ин на ба он хотир буд, ки низоми мазкур бад аст. Баръакс, ин низом ба психологияи мо мутобиқ нест. Ҳоло донишгоҳҳо ба низоми анъанавӣ баргашта истодаанд. Яъне, бевосита муаллим ва донишҷӯ.

Аз кӯдакӣ то калонсолӣ дар рухияе тарбият меёбем, ки бояд моро идора кунанд. Ҳатто кӯдакони мо на ба хотири он мактаб мераванд, ки мехоҳанд, балки мо ба онҳо мегӯем, ки рав! Агар камтар имкон пайдо шавад ё сардӣ ояду мактаб муваққатан баста шавад, хурсанд мешавем. Аз ин шеваи кор бармеояд, ки мо талабот ба дониши дохилӣ надорем. Масалан, дар хориҷа аз хурдӣ медонанд, ки агар дониш нагиранд, оянда хуб надоранд. Мо бошем, инро намедонем.

- Ҳангоме ки ба донишҷӯён дарс мегӯед, мепурсед, ки барои чӣ меоянд ва чиро аз шумо умедворанд?

- Имрӯз дар донишгоҳ дарс мегӯям, намедонам барои чист, аммо қариб 80 фози донишҷӯён ба дарс меоянд. Ҳатто гурӯҳҳои иловагӣ ба дарси асосӣ ҳамроҳ мешаванд. Вақте ки бо онҳо суҳбат мекунам, аён мегардад, ки дониш гирифтан мехоҳанд.

- Чӣ бояд кард, то мардум бештар майл ба дониш дошта бошанд?

- Ҳоло зиндагӣ моро мачбур мекунад, ки ҳарчи бештар рӯ ба дониш орем. Азбаски имрӯзҳо дар кишвар мактабҳои замонавӣ зиёд сохта шуда истодаанд, дар баробари ҷорӣ намудани фанҳои техникӣ, ба сифати таълим низ диққат бояд дод. Ҳамчунин, оила низ бояд дар раванди таълим иштирок кунад. Вақте ки кӯдак бесавод мешавад, танҳо мактабро гунаҳгор мекунем. Агар падару модар баробари мактаб дар раванди таълим фаъол бошанд, кӯдак саводи дуруст мегирад. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар оилаи хуб модар баробари фарзанд як бори дигар мактабро хатм мекунад.

Аз ҷониби дигар, мо бояд диндоронро ба мактаб ҷалб намоем. Замони шӯравӣ ва ҳатто ҷанги шаҳрвандӣ баъзе диндорон озод эълон мекарданд, ки мактаб бояд набошад. Онҳо зидди мактаб буданд. То асри XII илм дар мо тараққӣ карда буд. Файласуфи ислом Муҳаммад Ғаззолӣ як китобхонаи бузургро ба зимма доштааст. Ӯ рӯ ба тариқаи сӯфизм меорад. Дар ҷое хондам, ки ӯ аввал шоҳмотро ҳаром эълон мекунад, баъд риёзиёт ва илмҳои дақикро. Азбаски иқтисодчӣ ҳастам, то кучо воқеияти комил доштани онро аз олимон пурсидам. Баръхе гуфтанд, ки Муҳаммад Ғаззолӣ, ки суннимазҳаб ва зодаи сарзамини Эрон буд, эрониҳо ин гуна далелҳоро нисбат ба ӯ баровардаанд. Вале баъдан, баромади як олими англисро дидам. Умуман, Осиёи Марказӣ дар вақташ хеле пешрафта будааст, вале бо як баромади Ғаззолӣ онҳо аз мактабу дониш даст кашиданд. Ҳатто, Ғаззолӣ олимонро кофир эълон кардааст. Пас аз ин таназзули илм сар шуд. Фақат мактабҳои динӣ монданд, ки мардум бояд қуръон мехонданд.

Масалан, то омадани инқилоби октябр таваҷҷуҳ ба мактабҳои динӣ буд. Бобоёни ман ҳам соҳибмактаб буданд ва таълим медоданд. Боз дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ аз забони муллоҳо шунидам, ки мактаб набояд бошад. Хусусан, аз ҷониби муаллимон ба даҳони кӯдакон об рехтан дар моҳи Рамазон, ин ба дасти муллоҳо як байрақ шуд.

Ҳоло фурсати он расидааст, ки ҳамин диндорон фарзандонро ба хондан талқин кунанд. Ба падару модарон насиҳат кунанд, ки фарзандонро хононанд. Зеро, агар мусалмони сарбаланд мехоҳем, мусалмони сарбаланд аз мактаб сар мезанад. Аз ҷойи дигар намеояд.

Пояи давлат набошад
бе маориф устувор,
Давлати поянда хоҳӣ,
рӯй бар мактаб биёр!

- Назарам ба чанд китоби шумо афтод, ки онҳоро ба модаратон бахшидаед. Чаро?

- Зеро модарам муаллими аввалину беҳтарини ман буданд. Аз ин лиҳоз, китобҳое, ки барои донишҷӯён таълиф намудаам, ба модарам бахшида шудаанд.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

Инфографика





ХАРИТАИ НАВИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

ё ҳудуди давлати Сомониён то кадом марзу бум густариш дошт?



Некрӯз Сафарзода, номзади илмҳои таърих, муаллифи харитаи нави давлати Сомониён, корманди Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик

Замони давлатдории Сомониён бидуни тардид асри заррини натанҳо таърихи мардуми тоҷик, балки тамоми мамолики шарқи мусулмонӣ аст. Чунки дар ин давра тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум - сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илму ҳунар ва санъату адабиёт ба баландтарин дараҷаи тараққии худ расидаанд.

То кунун масъалаҳои гуногуни вобаста ба таърихи давлатдории Сомониён аз ҷониби донишмандони ватанию хориҷӣ ба баҳсу баррасӣ кашида шуда, паҳлуҳои норавшани таърихи ин давлат дар маҷмуъ баён шуда буданд. Аммо масъалаҳои вобаста ба ҳудуди давлати Сомониён, аз ҷумла густардаи ҷуғрофиёии ин давлат дақиқан омӯхта нашуда буд. Осору мақолаҳои нашршуда дар ин хусус танҳо фарогири маълумоти умумӣ ва нисбатан тахминӣ буданд. Ба ҳамин сабаб харитаи қаблии давлати Сомониён, ки дар бештари осори илмӣ ва таълимӣ истифода шудааст, ҳудуди ин давлатро ба шакли комил ва мушаххас инъикос намекунад. Аз ҷумла, дар ин харита ҳатто баъзе аз манотиқи кунунии Тоҷикистон, вилоятҳои Ҷибол (шаҳрҳои бузургаш Рай (Теҳрони имрӯзӣ), Исфаҳон, Ҳамадон, Қазвин, Занҷон), Гургон (марказаш Астаробод), Табаристон (марказаш Омул ва Сорӣ), Кирмон (марказаш Ҷируфт) ва Сиистон (марказаш Заранҷ, шаҳрҳои бузургаш Ғазна, Буст, Қандаҳор), Ғур (марказаш Фирӯзкуҳ), ки тобеи Сомониён буданд, берун аз ҳудуди давлати Сомониён тасвир шудаанд. Яъне тақрибан 25-30% ҳудуди давлати Сомониён дар харитаҳои қаблии марбут ба ин давлат тасвир нашудаанд.

Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқи мавзуъ дар чаҳорчӯби як рисолаи номзадӣ ба миён омад ва дар пайи он харитаи нави давлати Сомониён таҳия шуд. Ин андеша ҳам, албатта дар заминаи расидан ба истиқлоли давлатӣ, ки барои қишри соҳибтафаккури ҷомеа имкони истиқлоли фикрӣ падид меорад, ба миён омад. Далели асосии тасвири ҳудуди давлати Сомониён дар қаламрави васеътар бевосита матнҳои маъхазҳои таърихӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ, “Зайну-л-ахбор”-и Гардезӣ, “ал-Комил фӣ-т-таърих”-и Ибни Асир, “Таъриху-р-русули ва-л-мулук”-и Табарӣ, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк, “Таърихи Сиистон”, “Таърихи Табаристон”, “Таърихи Яминӣ”, Қобуснома”, “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд ва ғ., ки барои мо хуб шиносанд. Дар ин маврид далелҳои нумизматикӣ (сиккашиносӣ) ҳам вуҷуд доранд.

Харитаи нави давлати Сомониёнро асосан роҳбари илмиям, устоди арҷманд, номзади илмҳои таърих Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ соли 2010 таҳия карда буданд, ки дар умум ҳудуди давлати Сомониён дар он ба шакли комил тасвир ёфта буд. Танҳо марзҳои давлати Сомониён аз ҳама самтҳои ҷуғрофӣ ва ҳудуди вилоятҳои тобеи он дар даврaҳои мухталиф ва макони баъзе шаҳрҳо ҳам дар ин харита каме норӯшантар тасвир шуда буданд. Аз ин рӯ, бо роҳнамоии устодам Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ ба таҳқиқи мавзуъ шуруъ кардам ва дар заминаи ахбори сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва баррасии осори илмии муосир соли 2020 дар мавзуи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ) рисолаи номзадӣ ҳимоя кардам.

Аз ҷумла, муайян карда шуд, ки дар замони ҳукумати Исмоили Сомонӣ (892-907) ҳудуди давлати Сомониён сарзаминҳои васеъро фаро гирифта, аз шимол - водии дарёи Талас, дар ҷануб то Сиистон, аз шарқ - марзҳои Туркистони Шарқӣ ва Синд, дар ғарб то Эрони Марказӣ мерасид. Дар умум ин ҳудудро агар бо андозагириҳои имрӯзӣ дарҷ кунем, он 2,8 млн км2-ро ташкил медиҳад. Исмоили Сомонӣ бо маҳорати хуби сиёсӣ ва хирадмандии худ тавонист дар чунин ҳудуди паҳновар давлати қудратманду мутамарказро таъсис диҳад. Тамоми талошҳои Исмоил ҷиҳати таъмини бехатарии дохилӣ ва хориҷии мамлакат натиҷаи мусбат доданд ва ӯ имкон ёфт, ки ба ташкили дастгоҳи идории муташаккил ва сипоҳи муназзам пардозад.


Яъне, дар пайи таҳқиқ ҳудуди давлати Сомониён ва марзҳои вилоятҳои тобеи ин давлат дақиқан муайян шуд ва дар заминаи ин таҳқиқ харитаи нави давлати Сомониён пешниҳод гардид. Дар ниҳоят китоб (монография)-и мо - «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» бо ду хат, кириллӣ ва форсӣ чоп ва ба хонандагон пешниҳод шуд, то аз масъалаҳои марзӣ-ҳудудии бузургтарин давлати миллии асримиёнагии тоҷикон огоҳии бештаре дошта бошанд.

Умед дорем, ки харитаи нави давлати Сомониён, ки ҳамзамон густардаи ҷуғрофиёии сарзаминҳои тоҷикнишинро тасвир мекунад, дар шинохти дурусттари таърихи миллат аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат ва ҷаҳониён мусоидат хоҳад кард.

Меҳмони навбатии барномаи “РӮ ба РӮ”-и YouTube канали Pressa.tj актриса Моҳпайкар Ёрова буд. Мо бо ин ҳунарманди саршинос доир ба мушкилоти театру кино суҳбат оростем.

ЧАНД МУШКИЛИ ТЕАТРИ ТОҶИК

дар суҳбат бо актриса Моҳпайкар Ёрова



Умед аз “Парасту”

- Дар ин рӯзҳои рамазонӣ чӣ ҳол доред?

- Шукр ки рӯзадорем. Тамрин мекунем, нақш меофарем ва ба фестивали “Парасту” омодагӣ мебинем.

- Воқеан, ҳафтаи оянда дар кишвар Ҷашнвори театрии “Парасту” баргузор мешавад? Чӣ интизорӣ доред аз ин ҷашнвора?

- “Парасту” барои мо - аҳли ҳунар ид аст, зеро тамоми театрҳои кишвар дар пойтахт ҷамъ меоянд. Барои мо муҳимтарин чиз дидори ҳамдигар аст... Омодагӣ ба “Парасту” имсол хуб аст. Театри мо бо намоиши “Иштибоҳ” аз рӯйи асари Албер Камю дар таҳияи Нозим Меликов, Театри Лоҳутӣ бо “Пораабри сафеди Чингизхон”-и Чингиз Айтматов дар таҳияи Султон Усмонов, Театри русии Маяковский бо “Мастер и Маргарита”-и Булгаков дар таҳияи Хуршед Мустафоев ва ғайра дар фестивал ширкат хоҳанд кард. Театрҳои дигар асарҳои худро ба намоиш мегузоранд. Умед дорам, ки “Парасту”-и имсола аз гузашта хубтар бошад.

- Чанд асаре, ки гуфтед, моли драматургҳои хориҷӣ аст. Асарҳои тоҷикӣ камтар аст. Чаро?

- Барои он ки мо имрӯз драматурги нағз надорем. Як-ду нафар ҳастанд, вале дар Тоҷикистон 18 театри касбӣ ҳаст. Агар соле як асари миллӣ гузоранд, 18 асари нав лозим аст...

Театр ба ислоҳот ниёз дорад

- Моҳпайкар, ба андешаи шумо феълан мушкилоти асосии театри тоҷик чист?

- Набудани режиссёрҳои ҳирфаӣ. Мо воқеан режиссёри хуб хеле кам дорем. Бояд бештар театрҳои мо режиссёрҳои хориҷиро даъват кунанд, вагарна сатҳи театри мо хеле паст хоҳад рафт.

- Имрӯз ҳам намоишҳои суст дар саҳна зиёд аст?

- Бале, зеро театр бояд фаъолият кунад. Иҷрои нақшаи молӣ, ки аз ҷониби вазорат ба сари театрҳо гузошта мешавад, осон нест. Бинобар ин, маҷбур намоишҳои сусти серхаридорро ба саҳна мегузорем. Бовар кунед, ҳозир фаъолияти ҳунармандон хеле душвор аст. Зеро Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ҷалби хонандагони мактабҳоро ба театр манъ кардааст. Пас мо барои кӣ бояд фаъолият кунем? Театр барои кӣ аст? Ба ҷойи дастгирӣ монеа гузоштан дуруст нест. Ҳол он ки, ба ҳама душвориҳо нигоҳ накарда, мо кор мекунем, намоишҳои хуб кам нестанд...

- Вале ҳамоно толорҳо камодам...

- Барои он ки тарғиб нест. Зиёд мехоҳам, ки дар таблоҳои маркази шаҳр дар баробари рекламаи ширкатҳои тиҷоратӣ афишаи театрҳо ҳам реклама шавад.

- Ба якрӯза рекламаи таблоҳо буҷети яксолаи театри шумо шояд нарасад...

- Дидед, ҳама чиз ба пул бармегардад. Вақте ман моноспектакли “Шаби танҳоии як зан”-ро ба саҳна гузоштам, эълони онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардам, аз дӯстонам хоҳиш кардам, ки онро дар саҳифаҳояшон бознашр кунанд. Чанд маротибае, ки ин намоиш ба саҳна гузошта шуд, толор пур буд.

- Чанд маротиба вазиронро дар толори тамошо дидед?

- Рости гап ғайр аз вазири фарҳанги худамон касеро намебинам.

Сатҳи YouTube-филмҳо

- Феълан силсилафилми “Артист” баромад, ки дар он ҷо яке аз нақшҳои марказиро иҷро мекунед. Вале дар ин филм ҳам образи манфиро мебозед. Чаро ба шумо солҳои охир нақши хушдоман ва модари бадро пешниҳод мекунанд?

- Ба ман ин саволро зиёд медиҳанд. Медонед, нақши хубро ҳама актёр иҷро карда метавонад, вале нақши бадро на ҳама. Характер офаридан душвор аст.

- Муносибати мардум ба ин нақшҳои шумо чӣ тавр аст?

- Буд ҳолатҳое, ки маро бад медиданд, вале хушбахтона ҳозир ҳама маро дӯст медоранд. Мегӯянд, ки апаҷон, бозӣ накунед чунин нақшҳоро, ба шумо намезебад. Вале ман мегӯям, ки касби мо вобаста аст, режиссёр аст, ҳар чӣ пешниҳод кунад, онро бозӣ мекунем.

- Моҳпайкар, имрӯзҳо дар фазои YouTube филмҳои тоҷикӣ зиёд шуданд. Вале сатҳи ҳамаи онҳо ба талаботи оддии филмбардорӣ ҷавобгӯ нест. Ба ин филмҳо чӣ назар доред?

- Хуб аст, ки имрӯз ҷавонон ба офаридани кино таваҷҷуҳ доранд. Дар YouTube воқеан ҳастанд силсилафилмҳое, ки тарбиявӣ ва бомаънӣ ҳастанд. Вале мутаассифона филмҳои каммазмун зиёданд. Инҳоро барканор бояд кард.

- Чаро имрӯз ҳама мехоҳанд филм бигиранд?

- Мехоҳанд машҳур шаванд. Вале фикри онро намекунанд, ки ба завқи мардум чӣ таъсири бад мегузоранд.

Мусоҳиб: Одил НОЗИР

▸▸ *Саҳифаи таърих*

ҲУҶРАИ КОРИИ УСТОД АЙНӢ





Дар арафаи 90-солагии таъсиси Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ ба хотир овардани фаъолияти кории устод Айнӣ дар бинои ҳозираи ин боргоҳи илм шоистаи тамҷид аст.

Устод Айнӣ аз соли 1951 то охири умр (1954) сарварии Академияи илмҳоро ба уҳда дошт, ки бинои он бинои имрӯзаи Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ будааст. Албатта фаъолияти илмию адабӣ, таърихию фарҳангии устод Айнӣ ба ҳама маълум аст ва ниёз ба такрор ҳам надорад. Вале нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар бораи қадамгоҳи устод Айнӣ дар Душанбе ба ғайр аз хонаи истиқоматиашон, ки имрӯз осорхонаи устод аст, камтар касон иттилоъ доранд. Устод Айнӣ дар ошёнаи дувуми имрӯза Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар ҳуҷраи №13 кору фаъолият намудааст. Имрӯз кормандон бо ифтихор аз он мегӯянд, ки замоне устод Садриддин Айнӣ дар ин бино қадам мондаанд. Маҷлису машваратҳои АИ Тоҷикистонро гузаронидаанд, ба олимону донишмандон маслиҳатҳо додаанд.

Устод Айнӣ дар ин марҳалаи таърихӣ ҳамчун донишманди миллатдӯст дар аксарияти соҳаҳое, ки замона ва ҷомеа рисолати анҷоми корҳоро бар дӯшаш гузошта буданд, оғозгар ва нахустин шуд.

Ибтидои асри XX дар миёни мардуми тоҷик чунин як масъулияти миллие эҳсос гардида, таваҷҷуҳ ба забону адабиёт бештар гардид. Дар ҳамин замон буд, ки таҳқиқи забону адабиёт дар баробари тасдиқи мавҷудияти миллати тоҷик ба майдони мубоҳисаҳо бархоста, ҷанбаи сиёсиву илмӣ пайдо намуд. Дар саргаҳи бунёди илму адаби тоҷикӣ дар замони муосир устод Садриддин Айнӣ гомҳои нахустин бардоштаанд. Корҳои илмии ӯ барои бунёди Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёт ва ташаккулу инкишофи он асос гузоштаанд. Китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), мақолаҳо бахшида ба забон ва адабиёти нави тоҷикӣ, силсилаи рисолаву мақолаҳои ӯ дар бораи Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Абӯалӣ Сино, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Восифӣ, Навоӣ, Бедил ҳама пажуҳишҳои ҷиддии илмӣ буданд, ки барои шаклгирии адабиётшиносиии тоҷикӣ нақши бузург бозидаанд.

Устод Айнӣ дар тартиб додани луғатҳо, аз ҷумла луғати русӣ-тоҷикӣ иштирок доштааст ва муаллифи нахустин фарҳанги тафсирии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» (1938) буд. Ҳамкории пурбори устод Айниро бо базаи тоҷикии АФ СССР метавон махсус қайд намуд. Зеро устод Айнӣ дар мураттабсозии «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (ҷилдҳои 1-2; 1933-1934) саҳми бузург дорад ва ин луғат зери таҳрири ӯ ба чоп расидаат. Вай яке аз муҳаррирони «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (1940) низ буд ва ба сифати мушовир (консултант) дар мураттабгардонии луғатҳои дузабона иштирок намудааст. Ҳамчунин, устод Айнӣ дар тартиб додани лоиҳаи алифбои кириллӣ бо Академияи илмҳо ҳамкорӣ кардааст. Дар ин муддат бо ин ниҳоди илмӣ пайваста дар гуфтугузори хаттӣ ва шифоҳӣ будааст.

Аз тадқиқоти академии С. Айнӣ пажуҳиши муфассали ӯ дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад, ки соли 1954 ба чоп расид.

Устод Айнӣ ба сифати аввалин президенти АИ Тоҷикистон дафр таъсиси Институти забон ва адабиёт, шаклгирии бахшу шуъбаҳо, тарбияи кадрҳо саҳми бориз дорад.

Боиси ифтихор аст, ки бинои имрӯзаи Институти забон ва адабиёт, ки дар он нахустин Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолият дошт, аз қадамгоҳи ин устоди бузургвор ба шумор меояд. Руҳи эшон имрӯз илҳомбахши аҳли илму адаб аст.

Лутфулло ШАРИФЗОДА

ҶУДО

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ДАР ҚАТАР

Аз 7 то 14-уми май дар Давҳаи кишвари Қатар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо баргузор мешавад. Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон барои ширкат дар чемпионат муайян шуд.



Чемпионати ҷаҳонии ҷудо дар соли 2023 дар варзишгоҳи “Алӣ ибни Ҳамад ал-Аттия”-и Давҳа аз 7 то 14-уми май дар доираи сайри ҷаҳонии IJF баргузор мешавад.

Ғолибону ҷоизадорони чемпионат бо мукофотҳо сарфароз гардонида мешаванд. Ҳазинаи мусобиқа 1 миллион евро аст. Дар рақобатҳои инфиродӣ ғолибони ҳамаи 14 вазн бо 26 ҳазор евро мукофотонида мешаванд. Барои ҷойҳои дуюм медалҳои нуқра бо 15 000 евро ва ҷойи сеюм медалҳои биринҷӣ 8 000 евро дода мешавад.

Дар мусобиқоти дастаҳо барои ҷойи аввал 90 000 евро, барои ҷойи дуюм 60 000 евро, барои ҷойи сеюм 25 000 евро мукофотонида мешавад. Варзишгарон инчунин барои рейтингҳои ҷаҳонӣ ва олимпӣ холҳо хоҳанд гирифт. Ғолибон 2000 хол, давандагон 1400 хол, ҷойи сеюм 1000 хол ва 20 хол барои иштирок мукофот мегиранд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати зер ширкат мекунанд: дар вазни 66 кг Нуралӣ Эмомалӣ ва Шаҳбоз Саидабороров, 73 кг Бехрӯзи Хоҷазода, 81 кг Сомон Маҳмадбеков ва Шодон Ризоев, 90 кг Комроншоҳи Устопириён ва Ҷаҳонгир Маҷидов, +100 кг Темур Раҳимов.

БОКС

13 МУШТЗАНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ШИРКАТ МЕКУНАНД

Аз 30-юми апрел то 14-уми май дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон Чемпионати ҷаҳонии бокс байни мардон доир мешавад, ки дар он Тоҷикистонро 13 муштзан намояндагӣ мекунанд.



Дар мусобиқаи мазкур 640 варзишгар аз 140 кишвар номнавис шудаанд. Сабқатҳо дар 13 категорияи вазнӣ доир мешаванд. Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон варзишгарон Мехрон Шафиев дар вазни то 48 кг, Меҳроб Ҳамидов дар вазни то 51 кг, Меҳроҷ Зоидов дар вазни то 54 кг, Асрор Воҳидов дар вазни то 57 кг, Абубакр Муродзода дар вазни то 60 кг, Баҳодур Усмонов дар вазни то 63,5 кг, Расул Аҳадов дар вазни то 67 кг, Довуд Маҳкамов дар вазни то 71 кг, Некрӯз Салимов дар вазни то 75 кг, Шаббос Негматуллоев дар вазни то 80 кг, Парвиз Каримов дар вазни то 86 кг, Давлат Болтаев дар вазни то 92 кг ва Муҳаммад Аброриддинов дар вазни +92 кг шомиланд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистонро дар ин сафар ноиби президенти федератсия Шаббос Негматуллоев, сармураббӣ Алӣ Бобоҷонов, мураббиён Хуршед Ҷӯраев, Рустам Музаффаров ва Мирзо Шамсиев ҳамроҳӣ мекунанд.

Сармояи умумии ҷоизаҳо дар Чемпионати ҷаҳонии бокс дар байни мардҳо 5,2 миллион долларро ташкил медиҳад. Ғолибони ҷойи аввал дар ҳамаи вазнҳо 200 000 доллари ИМА, барандагони медали нуқра 100 000 ва барандагони медали биринҷӣ 50 000 доллар дарёфт хоҳанд кард.

ЛИГАИ ОЛӢ

ШАШ ГОЛ ДАР ПАНҶ БОЗӢ



Даври чоруми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 байни дастаҳои Лигаи олӣ ба анҷом расид, ки дар ду бозӣ натиҷаи мусовӣ ба қайд гирифта шуд ва як бозӣ бар нафъи меҳмонону ду бозии дигар бар суди соҳибони майдон хотима ёфт.

Агар дар даври гузашта хафт гол зада шуда бошад, пас даври чоруми Лигаи олӣ шумораи голҳо боз ҳам камтар шуд. Дар панҷ бозӣ ҳамагӣ шаш гол зада шуд. Пешсафи ҷадвали мусобиқа «Истиқлол»-и Душанбе мебошад, ки 10 имтиёз дорад. Баъдан «Эсхата»-и Хуҷанд (9 имтиёз) қарор дорад. «Хатлон»-и Бохтар бо шаш имтиёз зинаи сеюмро соҳиб шудааст.

Даври панҷум бояд рӯзҳои 20 ва 21-уми апрел баргузор мешуд, аммо ба далели дар рӯзи 21-уми апрел омадани Иди Рамазон вохӯриҳои ин давр ба рӯзҳои дигар гузаронида шуданд.

Вохӯриҳои даври 6-ум рӯзҳои 25 ва 26-уми апрел баргузор мешаванд. 25-уми апрел «Хатлон» бо «Кӯктош», «Регар-ТадАЗ» бо «Ҳосилот» ва «Эсхата» бо «Равшан» бозӣ мекунанд. Бозиҳои «Истиқлол» бо КМВА, «Хуҷанд» бо «Файзканд» рӯзи 26-уми апрел баргузор хоҳанд шуд.

КУШТӢ

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСТОНА



Аз 9-ум то 14-уми апрел дар Остонаи Қазоқистон Чемпионати Осиё-2023 дар намуди куштии озод баргузор шуд, ки дастаи Тоҷикистон дар он аз медал бенасиб монд.

Дастаи Қазоқистон бо касби 4 медали тилло, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ дар ҳисоби умумидастаӣ мақоми аввалро касб кард. Ҷопониҳо аз Остона 1 медали тилло, 1 нуқра ва 4 биринҷӣ ба даст оварда, дар ҷойи дуюм қарор гирифтанд. Дастаи Эрон 1 тилло, 1 нуқра, 3 биринҷӣ ва 3 ҷойи дастаӣ дорад. Намояндагони Ӯзбекистон ду бор барандаи медали нуқра ва ду бор биринҷӣ гардида, дар ҳисоби умумидастаӣ мақоми 5-умро касб карданд. Мунтахаби Қирғизистон бо 1 тилло, 1 нуқра ва 2 биринҷӣ дар ҷои 6-ум қарор дорад.

Тоҷикистонро Сунатулло Бобоев дар вазни 57 кг, Абдулмаҷид Кудиев 65 кг, Мустафо Ахмедов 70 кг ва Шуҳрат Бозоров дар вазни 79 кг намояндагӣ карданд. Миёни гӯштингирони тоҷик танҳо натиҷаи беҳтарро Шуҳрат Бозоров нишон дод. Тоҷикистон дар байни 20 даста бо 34 имтиёз 11-ум шуд.

РЕЗААХБОР

Наврасони намояндаи варзиши сабуки Тоҷикистон ба Чемпионати Осиё ба шаҳри Тошканд мераванд. Мусобиқа дар пойтахти Ӯзбекистон аз 27 то 30-юми апрел баргузор мешавад. Дар он 424 варзишгар аз 29 кишвар ширкат мекунанд. Тоҷикистонро Дианна Абдуллоева, Тимур Диордитса, Лутфулло Насруллоев, Нигора Амирхон, Ҳучейн Қулов, Машраб Қурбонов, Самирҷон Замонзода ва Бобоҷон Бобоев намояндагӣ мекунанд.

***

Рашид Раҳимов сармураббии дастаи “Рубин”-и Русия таъйин шуд. Муҳлати қарордод то анҷоми мавсим гуфта мешавад, вале дар сурати роҳ ёфтани даста ба Премйер лигаи Русия роҳбарияти клуб метавонад шартномаро бо сармураббӣ тамдид кунад. Даста бо роҳбарии Раҳимов бозии якумашро бо «Шиник» 3:0 ҷамъбаст кард. То анҷоми мавсими Чемпионат дар Лигаи дуюми Русия 9 даври дигар боқӣ мондааст. Баъди гузашти 27 давр, дастаи “Рубин” бо касби 50 хол дар зинаи дуюм қарор дорад.

***

Аз 22-юми апрел то 1-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд Чемпионати қаиқронии Осиё дар байдарка ва каноэ байни наврасону ҷавонон баргузор мешавад. Тими наврасон ва ҷавонони Тоҷикистон барои ширкат дар чемпионат дар макони баргузории мусобиқот ба ҷамъомади машқӣ-варзишӣ машғул аст. Ҷумҳурии моро дар ин чорабинӣ 25 варзишгар (19 писар, 6 духтар) намояндагӣ мекунанд.

***

Аҳлиддин Турдиев, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш аз вазифаи сармурабии КМВА (Душанбе) бо хоҳиши худ истеъфо дода буд, дарҳол сармурабии дастаи «Кӯктош»-и ноҳияи Рӯдакӣ таъйин шудааст. Дар ин бора аз ин клуб хабар доданд. Ӯ дар ин вазифа мутахассиси ӯзбекистонӣ Абдуҷаббор Маъруфалиевро иваз кард. Далели барканории Маъруфалиев гуфта нашудааст. Шамсиддин Қосимов иҷрокунандаи вазифаи сармураббии КМВА таъйин шудааст.



Пешрафт

МИЛИТСИЯИ ПОЙТАХТ

Ҷиноятқорӣ коҳиш ёфту эътимоди мардум афзоиш



Ҳамидзода Бароталӣ Партов, сардори Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, генерал-майори милитсия

Кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе доимо зери таваҷҷуҳ ва ғамхории роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ қарор дошта, бо мақсади иҷрои сатҳи баланди уҳдадориҳои хизматӣ ба таври шабонарӯзӣ фаъолияти оперативӣ-хизматиро ба роҳ мондаанд.

Таъмини тартиботу волоияти қонун вазифаи пурифтихору пуршарафест, ки ҳар як кормандони милитсия бо дарки масъулият ва ифтихормандӣ аз касби худ онро иҷро менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар давоми 3 моҳи соли ҷорӣ кормандони мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандонро зимни баргузории 74 чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, ки 7-тои он бо иштироки бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, дар сатҳи баланди касбӣ таъмин намудаанд.

Дар натиҷаи баргузории мулоқоту воҳӯриҳои судманд бо тамоми қишрҳои аҳолӣ ва баргузории рейду корҳои фаҳмондадиҳӣ сол то сол сатҳи содиршавии амалу кирдорҳои ҷиноятӣ майли коҳишёбӣ дорад. Аз ҷумла, дар ин давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди пойтахт содиршавии амалу кирдорҳои ҷиноятӣ дар тамоми самтҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар умум 9,7% коҳиш ёфтааст.

Муборизa бо терроризм ва экстремизм муҳимтарин ва афзалиятноктарин самти фаъолияти ҳамаи сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, бо ибтикори роҳбарияти Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, бо мақсади дар рухияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон ва ба ин тартиб пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳаракатҳои тундгаро, ҳамзамон ҷиҳати таъмини иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», маҳфили «Маърифати ватандӯстӣ» ташкил карда шуда, бо ҷалби донишмандони соҳаҳои касбу кори гуногун вохӯриву мулоқотҳои судманд баргузор карда мешаванд. Чунин мулоқоту вохӯриҳо ба баланд гардидани ҷаҳонбинӣ ва савияи ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамоянд.

Самти дигари фаъолияти мақомоти милитсия - ин мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор мебошад. Воқеан, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор яке аз сарчашмаҳои асосии маблағузории гурӯҳҳои ҷиноятиву харобкор ба шумор меравад.

Кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе ҷиҳати дастгир ва ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани гурӯҳҳои нашъаҷаллоб ба таври ҳамешагӣ дар ҳудуди пойтахт чорабиниҳои оперативӣ-чустуҷӯиро ба роҳ мондаанд. Чуноне аз таҳлилҳо бармеоянд, давоми се моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе дар умум беш аз 286 килограмм воситаҳои гуногуни нашъадор дарёфту мусодира карда шудааст. Бо мусодираи ин миқдор маводи захрогин то андозае хавфи гирифторшавии афроди зиёде ба бемории ҷонкоҳи нашъамандӣ гирифта шуд.

Нозирони минтақавии милитсия ҳамчун симои мақомоти корҳои дохилӣ пайваста зери таваҷҷуҳ ва дастгириҳои ҳамешагии роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ қарор доранд. Ин аст, ки сол то сол сатҳи фаъолият ва хизматбарии нозирони минтақавӣ дар натиҷаи бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардидан, бехтар гардидааст. Қобили зикр аст, ки нозирони минтақавии милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ саҳми арзанда доранд. Давоми се моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби нозирони минтақавии милитсия дар шаҳри Душанбе 222 ҷиноят ошкор карда шудааст, ки нисбати соли гузашта 41,4% бештар мебошад.

Вазифаи асосии мақомоти милитсия, пеш аз ҳама пешгирии содиршавии амалу кирдорҳои ҷиноятӣ бо роҳи профилактикаю тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба шумор меравад. Бо ин мақсад, ҷиҳати таъсирбахш гардидани чорабиниҳои андешидашуда ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар фаъолияти кории мақомоти милитсия ба таҷрибаи татбиқи ҳабси маъмурӣ диққати махсус дода шуда истодааст. Тибқи таҳлилҳо татбиқи ҳабси маъмурӣ то андозае дар тарбия ва ба роҳи рост ҳидоят намудани афроди майл ба содирнамоии ҷиноят дошта мусоидат намуд. Дар ин давраи ҳисоботӣ нисбати 220 нафар ҳуқуқвайронкунандагон тибқи талаботи моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои зарурӣ тартиб дода шуда, бо қарори суд нисбати ҳар кадоме ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз 5 то 15 шабонарӯз татбиқ карда шуд.

Қобили зикр аст, ки маҳз дар натиҷаи сиёсати ҷавонпарваронаи роҳбарияти олии кишвар сол то сол ҷавонону наврасон ба илму дониш рӯ оварда, содиршавии амалҳои ҷиноятӣ аз ҷониби ин қишри ояндасоз майли коҳишёбӣ дорад. Аз ҷумла, дар 3 моҳи соли ҷорӣ кирдорҳои ҷиноятӣ аз ҷониби ноболиғон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 68,8 % камтар содир гардидааст.

Ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятқории ноболиғону ҷавонон, бахусус муноқишаҳои гурӯҳӣ дар шаҳри Душанбе амалиёти шартии «Корд» роҳандозӣ гардида истодааст. Давоми се моҳи соли ҷорӣ, дар натиҷаи амалиёти мазкур аз ноболиғону ҷавонон дар умум 88 адад силоҳи сард ва предметҳои ба сифати силоҳ истифодашаванда, аз ҷумла 52 адад корд, 35 адад кастет ва 1 адад электрошокер дарёфту мусодира карда шудааст.

Ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва амнияти ронандагону пиёдагардон кормандони Шуъбаи бозрасии давлатии автомобилии шаҳри Душанбе ба таври шабонарӯзӣ чорабиниҳои заруриро мунтазам таҳия ва амалӣ менамоянд. Дар натиҷаи ин тадбирҳои андешидашуда вазъи садаманокӣ ба таври назаррас, аз ҷумла дар муқоиса бо соли гузашта шумораи садамаҳои нақлиётӣ 11,0% коҳиш ёфтааст.

Зимнан, қобили таъкид аст, ки шаҳрвандон низ дар таъмини волоияти қонун ва пешгирии амалу кирдорҳои номатлуб нақши арзанда доранд. Баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон бевосита зери назорати роҳбарияти Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе қарор дошта, ҳамаи муроҷиатҳои шаҳрвандон ба пурраги ва воқеъбинона мавриди санҷиш қарор дода мешаванд. Ин аст, ки сол то сол эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти милитсия афзун гардида, обрӯ ва нуфузи мақомоти милитсия дар ҷомеа афзоиш ёфтааст.

Бо назардошти камбудиҳои дар давоми семоҳаи аввали соли 2023 ҷойдошта, ҷиҳати бартараф намудани онҳо ва боз ҳам бехтар намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби роҳбарияти мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе ба масъулин дастуру супоишҳои мушаххас дода шуда, нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуданд.



Ҷиноят ва ҷазо

ТЕРРОРИСТИ ТОҶИКРО ДАР РУСИЯ ҲАБСИ АБАД ДОДАНД

ФСБ яке аз роҳбарони гурӯҳи мамнуи “Давлати исломӣ”-ро, ки дар қаламрави вилоятҳои Маскав ва Новосибирск ҳамлаҳои террористиро тарҳрезӣ мекард, боздошт кард. Дар ин бора дафтари матбуоти ФСБ-и Русия хабар дод.



Тибқи иттилои манбаъ, ин нафар шаҳрванди Тоҷикистон буда, Назаров Т. М. ном доштааст. Муайян карда шудааст, ки Назаров Т. М. бо мақсади анҷом додани амалҳои харобкорӣ ва террористӣ як утоқи террористӣ таъсис дода, қасд доштааст дар ҳудуди вилоятҳои Маскав ва Новосибирск бо истифода аз маводи таркандаи худсохт иншооти роҳи оҳанро тарконад. Ба иттилоъи манбаъ Назаров дигар шаҳрвандони Тоҷикистонро ба утоқи «Давлати исломӣ» ҷалб кардааст.

Назаров Т. М. бо ҳукми Суди ҳарбии Русия дар содир кардани 21 ҷиноят тибқи Кодекси ҷиноятии Русия ба ҳабси абад ва 1,5 миллион рубл ҷарима маҳкум шудааст.

ХУШДОМАН САБАБИ ХУДКУШИИ КЕЛИН

Бибинос Исмоилова, сокини деҳаи Сафедчашмаи ҷамоати деҳоти Эсанбой, ба гуфтаи додгоҳ, барои он ба зиндон маҳкум шуд, ки мунтазам шаъну шарафи келинаш Гулнисо Абдуназарова ва модари як тифли хурдсолро паст зада, бо баҳонаҳои гуногун доимо ҷанҷол ва ӯро латукӯб мекардааст.

Дар ҳукми суд омадааст, ки Бибинос Исмоилова рӯзи 18-уми майи соли 2022 келинашро, ки аз хурдӣ ятим монда, дар назди бибиву бобояш бузург шудааст, ба дуздии 10 сомонӣ муттаҳам карда ва дар назди аҳли деҳа ӯро таънаву маломат задааст.

Гулнисо Абдуназарова, ки ба гуфтаи додгоҳ ҷабру азоби хушдоманро кашидааст, ин дафъа ба таҳқиру тавҳин тоб наовардааст ва шоми ҳамон рӯз дар ошхонаи хонаи хушдоманаш худро бо рӯймол ба дор овехта, ба ҳалокат расидааст.

СЕ ЗАН ТАВАЛЛУДХОНАРО ҒОРАТ КАРДАНД

Шукурова Фирӯза Пулатовна, муҳосиби музди меҳнат, сариқтисодчӣ Худогуева Гулбаҳор Халифаевна ва муҳосиби молӣ Мухамедрахимова Зебогул Мухамадиевна, ки ҳар се кормандони Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон”-и Вазорати тандурустӣ будаанд, 1,5 миллион сомониро аз худ кардаанд.



Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия иттилоъ медиҳад, ки “номбурдагон дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ведомостҳои тақсимоти музди меҳнат маълумотҳои таҳрифшударо ворид карда, дар маҷмуъ маблағи умумии 1540703 сомониро беасос ба корти электронии собиқ кормадони муассиса ҳамчун музди меҳнат интиқол дода, пас аз ба таври нақдӣ гирифтани маблағи зикршуда онро ба пуррагӣ тасарруф намудаанд”.

Нисбати ҳар се нафар бо моддаҳои 245, қисми 4, банди «б» ва 323-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст ва тафтишоти пешакии он идома дорад.



НАФСИ САРКАШ

баъди Рамазон низ онро занҷир мебояд?

Баъд аз моҳи Рамазон бисёр нафарон якбора ба пурхӯрӣ дода шуда, ба бемориҳои меъдаву рӯда гирифтор мешаванд. Табибон тавсия медиҳанд, ки вақти рӯзахӯрӣ низ нафсро идора бояд кард.

Хӯрдани хӯрокҳои серравған, бирёнӣ ва дерҳазмшаванда, ҳамчунин, ғизоҳои шӯр ва обҳои газнок низ ба шахсоне, ки узвҳои ҳозимаашон ягон иллат доранд, бисёр зарарнок мебошад. Ҳақиқати ин гуфтаҳоро табиби машҳури пархезшинос Ҷози Портер исбот кардааст.

Ба андешаи ин олим ва табиби пархезшинос махсусан ғизоҳое, ки дар таркибашон консервантҳои гуногун доранд, барои саломатии инсон хавфнок мебошанд. Портер обҳои газнок, сир ва май (вино)-ро мисол оварда, мегӯяд, аз назари аввал ин чизҳо тамоман безарар менамоянд, вале инсон аз ин ғизоҳои маъмулӣ ҳар рӯз сӯйистифода кардан гирад, маводҳое, ки ба онҳо илова карда шудаанд, бо мурури вақт боиси гирифтор гаштан ба саратони меъда ва дигар бемориҳои хеле ҷиддии узвҳои ҳозима гашта метавонанд.

Ин табиби машҳур маслиҳат додааст, ки аз махсулоти консервашуда низ сӯйистифода накунем. Ба гуфти Портер, бодиринги помидор ва дигар махсулоти дар намак хобонидашудаю шӯр, ҳамчунин донагиҳои консервашуда (ҷуворимаккаи консервашуда ва ғ.) барои саломатии инсон зараровар буда, хатари гирифторшавиро ба саратони меъда меафзоянд. Табиб мегӯяд, ҳар рӯз хӯрдани 20 грамм махсулоти консервашудаи шӯр хавфи мубтало гаштан ба бемории саратони меъдаро то 9% афзун мегардонад.

"Намак ва як қатор моддаҳои кимиёвие, ки ҳангоми консервакунонӣ ба ин қабил махсулот илова карда мешаванд, дар сурати аз ҳад зиёд истеъмол кардани чунин махсулот метавонанд боиси ташаккулёбии хӯҷайраҳои саратонӣ дар ҷисми инсон гарданд, вале кам-кам ва мувофиқи меъёр истеъмол намуданашон хавфнок набуда, калсий ва прибиотикҳои дар таркибашон мавҷуда ба саломатии инсон фоида дорад",- мегӯяд табиб.

Портер бештар нӯшидани кефирро тавсия дода, мегӯяд, ки он кори узвҳои ҳозимаро ба низом медарорад.

Саломатии инсон асосан аз чаҳор чиз вобастагӣ дорад: ғизои солим, асаби орому табъи хуш, тозагии муҳити зист ва эҳтиёт намудан аз шамолкашию сармозанӣ.

Солиму бардам мондан хоҳед, худро аз шамолкашӣ эмин дошта, ба тозагӣ риоя намоед, барои ҳар як майда-чӯйда асабонӣ нашавед ва ба хӯроки худ диққати ҷиддӣ дода, бештар махсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро истифода баред.

ДАР ҲАВОИ ҒУБОРОЛУД ЧӢ БОЯД КАРД?

Тавре иттилоъ доред, барои чанд рӯз ҳавои кишвар ғуборолуд мешавад. Дар ин гуна обу ҳаво солимии худро чӣ гуна эҳтиёт бояд кард?

Барои пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолати ногувори беморон Парвина Мухторова, директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тавсияҳоро пешниҳод намуд.

Ӯ гуфт, ки эҳтимоли хурӯҷи бемориҳои хусусияти мавсимӣ дошта, ба мисли диққи нафас, ринити аллергикӣ (хунукии умумӣ), полиноз, бемориҳои ишемиявии дил, фишорбаландӣ ва бемориҳои системаи масуният дар чунин ҳаво вуҷуд дошта, сирояти шадиди роҳҳои нафас, илтиҳоби бронхҳо ва шушҳо метавонанд дар чунин ҳавои ғуборолуд ҷараёни бемориро вазнинтар гардонанд. Зеро, дар бадани шахсони гирифтори чунин бемориҳо ҷараёнҳои илтиҳобӣ ва аллергикӣ хурӯҷ намуда, медиаторҳои илтиҳобӣ ва аллергикӣ, ба мисли гистамин, серотонин, брадикинин зиёдтар чудо мешаванд ва равиши бемориро вазнинтар мегардонанд.

"Дар ин шабу рӯз, ки кишварро ҳавои ғуборолуда фаро гирифтааст, тавсия дода мешавад, ки бе зарурат ба сайругашт ва сафарҳои дур набароянд ва ё ҳангоми аз хона берун шудан, ҳатман аз ниқоби тиббӣ истифода баранд. Он маводи дорувориеро, ки пайваста истеъмол менамоянд, бо худ дошта бошанд ва сари вақт онҳоро истеъмол намоянд. Дар сурати бад ҳис намудани вазъи саломатияшон, фавран ба табиби оилавии минтақаи хеш ва ё ба Ёрии таъҷилӣ занг зада, ба хона даъват намоянд",- меафзояд ӯ.

Дар давоми рӯз якчанд маротиба шустан ва тоза намудани ковокии бинӣ ва гулӯ бо маҳлулҳои соддаи 2% ва оби ҷӯшомадаи ширгарм ва истифодаи нӯшокиҳои гарм тавсия дода мешавад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта аз ҳад зиёд фаъолу серҳаракат мешавед. Бо шарофати он ки масунияти баданатон мустаҳкам аст, дар саломатиятон мушкиле дида намешавад, вале бегоҳи рӯзи панҷшанбе хастагиро эҳсос намуда, дилатон эҳсоси хавотирӣ меорад.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта табъатон хуш мешавад ва нисбати атрофиён меҳрубон мегардед. Азбаски шуморо ҳамеша ҳамчун шахси орому оҳистакор мешиносанд, чунин муносибат ва мушкилиҳои рӯзгорро ба осонӣ рафъ сохтанатон ҳамаро ба ҳайрат меорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафта барои зодагони мучали ҷавзо мушкилоти хурдеро пеш меорад, ки ҳатман бояд аз пайи рафъ кардан нашаванд. Қуввааву нерӯи зиёдеро сарф мекунед, вале бояд барои худ низ вақт ҷудо карда, дар фикри истироҳату саломатӣ бошед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта бояд хеле бодиққат бошед, чун овозаву тахминҳои беасос хеле зиёд мешаванд. Агар ба ҳар гапи шунидаатон бовар кунед, шуморо ба фоидаи худ истифода бурда, дар ҳолати ногувор мегузоранд. Рӯзи панҷшанбе хариди калон карда метавонед.



Асад
23.07 - 22.08

Тамоми ҳафта танбалиро аз худ дур созед, вагарна дар касбу кор ба пешравӣ ноил гашта наметавонед. Бо ҷидду ҷаҳд аз пайи кор шавед, вале ҳама корро дар танҳоӣ ба анҷом нарасонед. Дар ҳаёти шахсиятон тағйироти куллӣ рух медиҳад, баъзеҳо ба хонаи нав мекӯчанд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ҳафтаи нав барои зодагони бурҷи сунбула орому аҷиб меояд. Дар дилатон хоҳиши иваз намудани ҷойи кор пайдо мешавад. Бе маслиҳати дӯстону наздиконе, ки нисбаташон эътимоди қавӣ доред, ягон кор накунед. Дар ҷои коратон муноқишаву нофаҳмӣ сар мезанад.



Мизон
25.09 - 22.10

Бо сабаби фаромӯшхотирӣ дучори тағйироти ногувор гаштанатон имконпазир аст. Бодиққат ва масъулиятнок бошед, бо ҳамкорон низ муносибати хуб ба роҳ монед. Нафароне, ки муносибатҳои ошиқонаи худро бехтар сохтан мехоҳанд, бояд ҷасуртар амал намоянд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта барои ба анҷом расонидани корҳоятон кӯшиши зиёд ба харҷ додан лозим меояд. Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо ва муошират бо ҳамкорон хеле бодиққат бошед. Ба ғайбату бадгӯӣ роҳ надиҳед, вагарна ба саломатиятон таъсири бад мерасад.



Қавс
25.11 - 21.12

Коре, ки пештар бароятон душвор менамуд, аз уҳдааш баромада метавонед. Дар муносибат бо шахси дӯстдошта мехрубонтар бошед, ба нуқтаи назараш гӯш андозед, вагарна муносибатҳоятон вайрон мегардад. Охири ҳафтаро ба истироҳат бахшед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳафтаи пур аз рӯйдоду ҳодисаҳои нав аст. Агар шумо дӯстдошта надошта бошед, ҷасурона ба нафаре, ки дар дил муҳаббат доред, изҳори муҳаббат намоед. Сафарҳо чандон табъатонро хуш намесозанд. Бо нафаре аз дӯстон муноқиша мекунед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта ба овозаву ғайбат бовар накунед, бехтараш дар фикру азми худ боисрор бошед. Дар ҷои кор бо ҳамкорон муноқиша карданатон эҳтимол дорад. Аз ҳад зиёд ба кор ва мушкилоти молиявӣ дода нашавед, душвориҳо ба зудӣ рафъ мегарданд.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта бо шарофати ақли солим, иродаи мустаҳкам ва фаъолнокӣ ҳамкоронро ба ҳайрат меоред. Миёнаи ҳафта ошиқонро мулоқоти ошиқона интизор аст. Ба пешниҳодҳои нави корӣ бовар накунед, ақли солимро кор фармоед.

ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ ШАҲРВАНДОН ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ



Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ,
ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, д.и.т., профессор

23-юми декабри соли 2023 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дар баробари дигар соҳаҳо ба масоили ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии арзандаи шаҳрвандон вазифаҳои мушаххасро ба миён гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бори дигар ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошт, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта ба истифода дода шудааст. Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст. Ҳамчунин, қайд карда шуд, ки барои боз ҳам бехтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, азнавсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо зарур мебошад. Бо ин мақсад, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯйи таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир дастрас карда шудаанд. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба рушди саноати дорусозӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд карданд, ки новобаста ба пешравиҳои соҳа, ҳанӯз ҳам имкониятҳои мавҷудаи истифоданашуда дар ин самт ҷой доранд. Аз ин рӯ, масъулинро мебояд, ки дар ин самт чорабиниҳои иловагӣ андешанд.

Маврид ба қайд аст, ки дар низоми давлатдории миллии Тоҷикистон интихоб намудани унсури давлати иҷтимоӣ ба сатҳи ҳифз ва таъмини иҷтимоии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давлати иҷтимоӣ муҳимтарин василаи таъмини зиндагии арзандаи шаҳрвандон махсуб меёбад. Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути марҳила ба марҳила зиёд намудани музди маоши шаҳрвандон таҳким бахшида мешавад. Таъмини зиндагии шоистаи мардум дар сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хоса дорад. Ҳамин аст, ки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, намудҳои нафақа, стипендия ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ зина ба зина баланд бардошта мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 қайд намуданд: «Бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки чиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чорабинӣ намояд.

Илова бар ин, бо мақсади бехтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

- аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

- аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд.

Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:

- андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

- нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.

Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд».

Боло бурдани маошу нафақа далели возеҳи таҳкими сатҳу сифати зиндагӣ, ғамхории давлат нисбати шаҳрвандон ва қадр кардани меҳнати шаҳрвандон аст. Аз ин тадбирҳо бармеояд, ки Ҳукумати мамлакат бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда талош намуда истодааст, ки раванди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зина ба зина таҳким бахшида шуда, сатҳи некӯаҳволии мардум беҳтар гардад. Ин таваҷҷуҳу ғамхорӣ нишонаи олии татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат аст.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки масъалаҳои пешгирию муқовимат намудан бар зидди терроризму экстремизм ва таҳкими якпорчагии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таъмини зиндагии осоиштаи шаҳрвандон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 ҷойгоҳи махсус дорад. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон қайд намуданд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд».

Тоҷикистон ва халқи тоҷик бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи мубориза бо терроризм ва дигар хатарҳои ба он вобаста дар ҷомеаи байналмилалӣ мавқеи шоиста ва нақши фаъол дорад. Ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон мавқеи хешро мушаххас сохта, пешниҳодҳои худро аз минбарҳои созмонҳои ҷаҳонӣ ва ҳамоишҳои байналмилалӣ вобаста ба ин масъала то имрӯз ироа мекунад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди зуҳуроти терроризм ва экстремизм ҳамчун яке аз иштирокчиёни фаъол мешиносанд ва пешниҳодҳояшро дастгирӣ мекунанд. Дар партави мавқеи созанда ва ташаббусҳои башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ин зуҳуроти номатлуб ҳар сокини кишварро месазад, ки барои таҳкими заминаҳои рушди давлати миллӣ талош намояд.

Мавлудномa

• 20 АПРЕЛ •

Ғуломҷон Аҳмадҷонов (1928), 95-солагии зодрӯзи муаррих - шарқшиноси тоҷиктабори Ӯзбекистон.

Ҳамроқул Даврон (1938-2006), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Музаффар Ишонов (1938), 85-солагии зодрӯзи геолог, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Семён Кузмин (1903-1984), 120-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Хушназар Майбалиев (1938-2011), 85-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Ансор Ниёзов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Алӣ Раҳмонов (1933-2010), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Соат Чалишев (1933-2014), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Абдурасул Ҳабибов (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист (ӯзбек).

Фотима Шарифова (1968), 55-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

• 21 АПРЕЛ •

Муҳтарама Мақсудова (1948), 75-солагии зодрӯзи наттоқи радио, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Эдуард Раҷабов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Робиаи Холмирзо (1968), 55-солагии зодрӯзи шоира.

• 22 АПРЕЛ •

Сабур Расулов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Абдусамад Самиев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Муҳаммадӣ Тошӯлодов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Қудратулло Юнусов (1938), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

• 23 АПРЕЛ •

Комил Дабуров (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Олимшо Қандаков (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Олег Лоренс (1923-1994), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Наталя Назаршоева (1953), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Лидия Яковенко (1918-1987), 105-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

• 24 АПРЕЛ •

Малика Бобоҷонова (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

Шумқор Одинабеков (1928-1998), 95-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Иқбол Табарова (1923), 100-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Рудолф Токман (1928), 95-солагии зодрӯзи рассом.

Чарлз Стори (1888-1967), 135-солагии зодрӯзи шарқшиноси англис, муҳаққиқи таъриху адаби мардуми форс-тоҷик.

• 25 АПРЕЛ •

Абдулло Иброҳимов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Шаҳобиддин Ҳасанов (1953), 70-солагии зодрӯзи актёри театр.

• 26 АПРЕЛ •

Борис Гердел (1923-2011), 100-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Камол Раҳмонӣ (1948), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Юрий Соловей (1913-1996), 110-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ, 4 дар хона, 13.5 сот. замин, пос. Ҷангалак. Тел. 91-992-53-35, 917-18-04-40

► Ҳавлӣ, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароиташ ва мебелу ҷиҳоз. Дарову зиндагӣ кун ё бо хонаи 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

► ИНШООТ

► Иншооти фурӯшӣ, 141 м.м., қабати 2, таъмир дорад, дар маҳаллаи "Голубой экран", рӯ ба рӯи м/с "Пайкар", 1100 в.ш. барои ҳар м.м. Тел.: 9000-10-703

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0760917 ба номи Саидова Меҳрубону Маҳмаюсуфовна, соли таҳсили 2011-2012, ки аз ҷониби МТМУ №89-и н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки ба номи шаҳрванд Мирзоева Хусния Тагоевна дар Идораи нотариалии давлатии н. Исмоили Сомонӣ аз 26.08.2000 таҳти феҳрасти 9Д.769 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯй ба номи Муртазои Мадғафур, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии Д81210 ба номи Маҳмадбеков Аслиддин Қурбонович, ки соли 2018 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Меликов Собирҷон Изатуллоевич, РМА: 025600339, ки соли 2016 дар Нозироти андози н. Сино ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А079907 ба номи Шарипова Давлатмоҳ Каримовна, ки санаи 13.06.1994 аз ҷониби МТМУ №41-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира дар реестри №1Ш-699 ба номи Ниёзов Қиёмидин Хайдарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, к. Беҳзод 1, ҳ. 9, ки санаи 31-уми майи соли 2006 дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А01609739 ба номи Ҷураев Зарифҷон Садиевич, ки санаи 13.12.2018 аз ҷониби ШВКД-2-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои ронандагӣ ба номи Ҷомиев Толибҷон Асоевич бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А02525623 ба номи Рахмонов Илёс Фуркатович, санаи эътибор 11.09.2019, ки аз ҷониби ШВКД-2-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

► Муҳр ба номи Раҳимов Фатоҳ Алиҷонович бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ ба номи шаҳрванд Гулова Зарина Садридинова, ки дар Идораи нотариалии давлатии ш. Ваҳдат аз 21.04.2014 таҳти феҳрасти 1.Ш.180 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки ба номи шаҳрванд Рахимов Фируз Хусейнович дар Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ аз санаи 23.10.2018 таҳти феҳрасти 1Ш.1964 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №1Ш-422 аз 18-уми майи соли 2020 ба номи Буриев Халимҷон Темирович, бо суроғаи ш. Турсунзода, маҳаллаи 1, бинои 14, ҳ. 21 дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А00020543 ба номи Авгонов Исломидин Фатҳидинович, ки аз ҷониби ШВКД-2-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонӣ ба номи Қурбонзода Ҳукуматулло Ҳабибулло, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш-3884 ба номи Белянская Лола Доробовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Борбад, бинои 105, ҳ. 33, ки санаи 10.12.2022 дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, дафтари ҳавлидорӣ ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №79475, аз 21-уми декабри соли 2022, №0472837 ба номи Белянская Лола Доробовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Борбад, бинои 105, ҳ. 33, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 №956755 ба номи Муборакшоева Мавлуда Акбаровна, соли хатм 1990, ки аз ҷониби МТМУ №28-и н. Ишкошим дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ - ҳавлидорӣ ба номи Насимов Тағой, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом, ки соли 2011 аз ҷониби Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии н. Рӯдакӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 2М-76 кори меросии рақами 74 аз 04.04.2008, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Кленико Елена Дмитриевна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Мир-Алӣ, хонаи 1, ҳ. 3 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-323, ки санаи 03.03.2015 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Фатҳуллоев Абдусалом Абдуғаффорович бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Яккатут ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият таҳти феҳрасти 5ҲМ-4, ки санаи 26.01.2012 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Ҷ.РУМИ" бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ 8 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш-364, ки санаи 30.01.2018 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба номи Ҳасанзода Акбар Ҳасан бо суроғаи ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов, хонаи 55/1, квартираи 1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Арғувон 29/2, ба номи Исмаилов Ҷамшед Қамариддинович, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи назорати хазинавии рақами 2201011552, ки ба СИ Каримов Мирочидин Давлаталиевич тааллуқ дорад, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" САҲИФАБАНДИ КАСБИРО БА КОР ДАЪВАТ МЕКУНАД. ТАЛАБОТ:

-малакаи хуби кор бо барномаҳои компютерӣ;
-масъулиятшинос дар фаъолият;
-муошират хуб бо кормандон;
Бартариятҳои дигар ба назар гирифта мешаванд.
Резюмеи худро ба tojikiston@pressa.tj фиристед.

Телефон:933507020

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Наврӯз 1993", РЯМ: 0710004149, РМА: 070009057, дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Manager (Job ID: 9472/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 April 2023 (08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Судоку

			5	1	2		8	
9				4	3			6
	3					5	7	4
7			2		8			
	2	1					3	7
	6	5			9		2	
		7		5		8		
6		9			1			5
	4		8	9		1		2

							2	
		7		2				
	3			6			5	9
4	8		9					
	9	2	4		1		6	5
		1						
				8	4			
	1	6	3			4		
7							8	

Фарқиятро ёбед



Лабиринт



Сканворд

Қисмат, насиб, пешомад
Бастакор ва дирижёри рус
Шоирон
Дар вакти шаб
Нестӣ, ҳалок
Аксна-мои хурдакаки кисагӣ
Лаҳни мусиқӣ
Қутби шимолии кураи Замин
Иттиҳоди бузурги қуввахои ҳарбӣ
Зани ибодат-кунанда
Ҳаяҷони сахт, беқарорӣ
"Оҳиста" (лаҳҷ.)
Кайҳонна-вард
Неъмати муқаддас
... Дэнс, овозхо-ни рус
Шаҳ ва ... (шат-ранҷ)
Фахриддин ..., овозхо-ни маъру-фи ӯзбек
Дар-хостан
Анна ..., шои-раи рус
Навъи май
Зеро ки, азбаски
Дашту даман
Асари беқофия
Осмо-ну ситораҳо
Падар (лаҳҷ.)
Фоида, суди иҷтимой, даромад
Навъи чоп
Мил-лат-халқ дар Авру-по
"... Бар-бара", сериал
Боди тафсо-ну хушк
Лавози-мот ба-рои мар-каб
Суруди аввалини модарон
Ҷанҷол, харха-ша
Шаҳри қадимта-рини Оси-ёи Миёна
Хӯрок, ғизо
Моли ноқис бо забони русӣ
Қисмат, ҳисса
Меваи субт-ропикӣ
Сӯг, азо, мусибат
Кутоҳ кардан, кутоҳӣ
Ирина дар тифлӣ
Шаҳри қадимаи арманҳо
Ноҳия дар вилояти Суғд
Майдо-ни сирк-бозон



Зиёфат

Ҷавоне ҳамроҳи маъшуқааш ба тарабхона омада, ду истакон об фармоиш медиҳад. Духтар мегӯяд:

- Шумо ваъда дода будед, ки зиёфати хубе медиҳам. Ҳамин аст зиёфат?

Ҷавон баъди ин сухан пешхизматро ҷеғ зада, мегӯяд:

- Майлаш, зиёфат бошад зиёфат, ба мо ду сатил об.

Тасма

Аз баҳси корманди ГАИ бо ронанда:

- Шиносномаи ронандагӣ доред?
- Дорам.
- «Техосмотр» чӣ?
- Дорам.
- Маълумоти муҳити зист?
- Албатта.
- Чаро тасма набастед?
- Шӯхӣ накунед, бародар, дар «спортивка» чӣ хел тасма бандам?

Қалами сурх

Модар вақти гусели фарзандаш ба хизмат таъкид мекунад:

- Писарам, рафтӣ, тез-тез хат нависи, овозаҳо бисёр, ҳақиқаташро нависи, агар ҳолат хуб набошад, мо зуд хабаргирӣ меоем.



- Эҳтиёт кунед, номаҳоро месанҷанд,- ба гап ҳамроҳ мешавад тағои аскарбача.

- Ин тавр бошад, писарам, агар шароит хуб бошад, бо ручкаи кабуд нависи, мабодо бад шуд, қалами сурхро истифода бар, ман худам мефаҳмам.

Баъди якуним моҳ ба номи модар ба ин мазмун нома мерасад:

- Модарҷон ҳамааш хуб, нохубаш ҳамин, ки ба мо қалами сурх намедиҳанд.

Хайма

Шерлок Холмс ва духтур Ватсон пиёда сайр мекарданд. Вақте онҳо ба ҷангале расиданд, шаб фаро расид. Дар он ҷой хайма зада, дар дохилаш хоб карданд. Нисфи шаб Холмс бедор шуда, аз шарики духтураш пурсид:

- Ватсон, ба фикри шумо ин ситораҳои осмон аз чӣ дарак медиҳанд?

- Инҳо аз он дарак медиҳанд, ки пагоҳ ҳавои форам моро мунтазир аст. Ба шумо чӣ?

- Ба назари ман аз дуздидани чодири хаймаамон хабар медиҳанд,-мегӯяд Шерлок.

Қабристон

Мӯйсафеде дар истгоҳ аз ҷавоне мепурсад:

- Бачаҷон, кадом автобус ба қабристон мебарад?

- Автобуси бетормоз, бобоҷон!,- посух медиҳад ҷавон.

Дӯзах

Духтар ба падараш мегӯяд:

- Дада, ман наметавонам зани Иззат шавам, вай атеист асту ба вучуд доштани дӯзах боварӣ надорад...

Падар мегӯяд:

- Ту ҷасурона ба шавҳар баромадан гир, духтарам. Туву модарат ба зудӣ исбот месозед, ки ӯ иштибоҳ мекунад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

(Аз нақли Саидраҳмон Назриев)

Раиси ноҳияе кулли раисони ҷамоатҳоро ҷамъ намуда, маҷлис мегузаронад. Дар маҷлис раисеро аз ҷой хезонида, дар ҳузури ҳама аз корҳояш ситоиш карда, мегӯяд:

- Мактабҳоро хеле обод кардаед, офарин!

Раиси ҷамоат дастҳо пеши бар хоксорона посух медиҳад:

- Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

- Ана, роҳҳои деҳаҳо ҳам хеле обод шудаанд-а?

- Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

- Кишти тирамоҳӣ ҳам хуб анҷом ёфтааст. Мешудааст-ку!

- Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

- Дар ҷамъоварии ҳосили картошка ҷамоати шумо дар ноҳия дар ҷои аввал аст. Аҳсант!

- Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

- Ҳамааш хубу лекин аз рӯи маълумоти ба даст овардаи мо, шумо кам-кам заминҳоро ҳам фурӯхта истодаед. Ба ин чӣ мегӯед?

Раиси ҷамоат ба ҷои он, ки чизи дигаре гуфта, худро сафед кунад, дасту по гум карда, аз рӯи одат чун ҳамеша боз мегӯяд:

- Ба шарофати дастгириҳои шумо, Раис!

Магар мошинро бо пули маош мехаранд?

Аз дӯсти мансабдорам пурсидам:

- Чӣ қадар маош мегирӣ?

Гуфт:

- 1800 сомонӣ.

Ба мошини гаронбаҳояш нигариста, гуфтам:

- Бо чунин маош чӣ гуна мошин харидӣ?

Хандиду гуфт:

- Магар одам мошинро бо пули маош мехарад?

Ман саг нестам

Бонуи ҳамкоре аз ман пурсид:

- Ту маро дӯст дошта метавонӣ?

Гуфтам:

- Бале, дӯстат хоҳам дошт, ба шарте, ки ба муҳаббатам бо муҳаббат посух гӯӣ ва содиқу вафодор бошӣ.

Хандиду гуфт:

- Ман саг нестам.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА